Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924),
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

8 октябри соли 2022 Шанбе

№ 80 (14884)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҲАМОИШИ ҒАЙРИРАСМИИ ИДМ ИШТИРОК КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 7 октябр дар мулоқоти ғайрирасмии роҳбарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Санкт-Петербург ширкат намуд.**

Дар ҷамъомад инчунин Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Беларус Александр Лукашенко, Президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, Сарвазири Арманистон Никол Пашинян иштирок карданд.

Масъалаҳои муҳим дар партави омодагӣ ба ҷамъомади навбатии Шўрои сарони давлатҳои иштирокдори ИДМ, ки ҳафтаи оянда дар шаҳри Остона баргузор мегардад, муҳокима гардиданд.

Ҷанбаҳои муҳими ҳамкории бисёрҷониба ва ҳамкории минтақавӣ муҳокима гардиданд. Ба вусъат додани шарикии зич дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, нақлиёту коммуникатсия эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Бо ҳамин ташрифи кории роҳбари давлатамон ба поён расид.

**ЎзА.**

*Иҷрои Барнома – дар амал*

## БА МАҲАЛЛААМОН МЕҲМОН ШАВЕД,

### – мегўянд уйғурсойиҳо бо хурсандӣ

***Дар натиҷаи ислоҳоти густурдае, ки аз ҷониби роҳбари давлатамон баҳри зиндагии фаровони аҳолӣ дар ноҳияҳои дурдаст амалӣ карда мешавад, дар асоси барномаи «Маҳаллаи обод» маҳаллаҳо ба маскани ободу зебо табдил меёбанд.***



Маҳаллаи Уйғурсойи ноҳияи Поп ҳам, ба туфайли ин саъю кўшишҳо, ба маҳаллаи зебою ободтарини ноҳия табдил ёфт. Бо ин муносибат дар ин маскан маросими кушодашавӣ баргузор гардид. Меҳмононро зери садои карнаю сурнайи миллӣ ва оҳангҳои пурҷўшу хурўши оркестри симфонии ҳарбӣ пешвоз гирифтанд.

Дар чорабинӣ муовини вазири корҳои дохилии Ўзбекистон Азизбек Икромов, депутати Олий Маҷлис Абдумалик Акрамов, роҳбарони секторҳои вилоят, собиқадорони меҳнат ва намояндагони аҳли ҷомеа ширкат варзиданд.

Дар маҳалла оид ба беҳбудии оби ошомиданӣ ва таъмини нерўи барқ, роҳҳои марказӣ ва дохилӣ, инчунин таъмири биноҳои бисёрошёнаи мавҷуда, барномаҳои мақсаднок таҳия карда шуд. Ба корҳои бунёдкорӣ бештар аз 50 млрд. сўм сарф карда шуд.

10 км роҳҳои дохилӣ шағалпўш карда, 3 км роҳ бо асфалт ва семент пўшонда, аз нав сохта шуданд. Ба 18 км шабакаи оби нўшокӣ ва ба 2,1 км сими хати электр кашида шуд. 94 симчўб нав карда, трансформатор гузошта шуд. 29 бинои серошёнаи мавҷуда ба таври куллӣ таъмир гардид. Қариб 10 нуқтаи савдо ва хидмати маишӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо кор ва пурмазмун ташкил намудани вақти холии ҷавонон майдончаҳои спортӣ барпо карда шуд. Ба бинои Хонаи маданият, ки дар давоми солҳо ба ҳоли худ гузошта шуда буд, «ҳаёт»-и нав бахшида шуд. Дар ин маскани боҳашамате, ки ба маҳалла қувват ва зебоӣ мебахшад, толори тамошо бо 200 ҷойи нишаст, китобхона, клуби IT, курсҳои таълимии ба таълими забонҳои хориҷӣ мутобиқшуда ба кор шурўъ кардаанд. Ба ин корҳо бештар аз 5 млрд. сўм маблағ харҷ гардид. Поликлиникаи оилавии дуошёнаи навтаъмиршуда низ дар хидмати аҳолӣ мебошад.

– Дар наздамон боз як вазифаи дигар истодааст, – гуфт дар нутқи табрикӣ ҳокими вилоят, узви Сенати Олий Маҷлис Шавкат Абдураззоқов. – Ҳаракати наҷибамонро давом дода, 2 бинои мактаби таълими миёнаи умумӣ ва муассисаи томактабии маҳалларо ба намуди замонавӣ овардан лозим. Дар соли оянда ба амал баровардани ин корҳоро ба нақша гирифтаем. Боз як ҷиҳати муҳимро қайд кардан мехоҳам, азбаски дар ин минтақа колонияи иҷрои ҷазо мавҷуд аст, ҳамеша дар ҳамкорӣ бо Вазорати корҳои дохилӣ корҳои амалӣ мегузаронем. Мо аз номи мардуми вилоят, махсусан уйғурсойиҳо ба масъулони сохтор, ки дар ин лойиҳаи хайр кори муштарак ташкил кардаанд, изҳори сипос мекунем.

– Мо чанд сол боз ин рўзро бесаброна интизор будем, – мегўяд сокини маҳалла Равшаной Бойқўзиева. – Кўчаҳоямон обод, роҳҳо ҳамвор, аз шароити шаҳр камӣ надорад. Ҳамсояҳо ба сайру гашти бегоҳӣ баромада истироҳат мекунанд. Ҳатто мо, пиронсолон бо ҳам вохўрда, суҳбат мекунем. Хусусан ниёзи аввалиндараҷаи мо баровардa шуд, яъне мушкили оби тозаи ошомиданӣ, ки солҳо боз моро ба ташвиш меовард, ҳал шуд. 46 сол қабл, ман аз деҳаи Ғурумсарой ба ин ҷо келин шудам. Ба шароити ин ҷойҳо одат карданам хеле душвор буд.

Ҳоло мо хушбахтона зиндагӣ мекунем. Рўзҳоеро, ки мо орзу мекардем, фарзандонамон бинанд. Албатта, ин корҳо худ аз худ ба амал набаромадааст. Мо ба ҷавононамон таъкид мекунем, ки ин аз ҳисоби маблағи зиёд ва меҳнати вазнин ба амал омадааст.

На танҳо Равшаноймомо, балки дар дилу забони ҳар як уйғурсойиҳо шукргузорӣ ҷўш мезанад. Ба гуфтаи раиси маҳалла Сабрулло Пўлодов, дар маҳаллаи Уйғурсой, ки аз маркази ноҳия дур аст, дар 463 хонавода наздики ду ҳазор аҳолӣ истиқомат мекунанд. Дар ин ҷо тоҷик, ўзбек, тотор, рус, қирғиз ва ҳатто корейсҳо бо ҳам дўстона умр ба сар мебаранд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ МИНБАЪД ВУСЪАТ ДОДАНИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ

Ба мақсади татбиқ намудани вазифаҳое, ки дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 28 январи соли 2022-юм №ФП-60 «Дар бораи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» муайян шудаанд ва мулоқоти кушоди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бо соҳибкорон соли 2022, ҳамчунин беш аз пеш такмил додани низоми дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ:

1. Муқаррар карда шавад, ки аз **1 ноябри соли 2022:**

дар мавриди миқдори асъоре, ки дар доираи як қарордоди содиротӣ ворид нашудааст ва **аз 5 фоизи арзиши тамоми маҳсулоти** барои содирот боршуда зиёд нест, **он ба сифати қарзи ба таъхир гузошташудаи дебиторӣ баррасӣ намешавад** ва нисбати субъекти соҳибкорӣ ҷарима **қабул карда намешавад**;

имтиёзҳо дар шакли кам кардани пойгоҳи андозситонӣ **бинобар андоз барои даромад ва андоз аз муомилот** нисбати ташкилотҳои содиротӣ **новобаста аз саҳми ҳаҷми содирот** аз даромади умумие, ки аз фурўши молҳо (корҳо, хидматҳо) қабул мегардад;

**ба содироти тухми харбуза** (код бинобар ТН ВЭД 1207 70 000 0), беданҷирҳо (гарчакдона) (код бинобар ТН ВЭД 1207 30 000 0), хардолҳо (кодаш бинобар ТН ВЭД 1207 50 100 0, 1207 50 900 0), маъсар (кодаш бинобар ТН ВЭД 1207 60 000 0) рухсат дода мешавад.

2. Пешниҳоди Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ оид ба татбиқ намудани **Барномаи «Ўзбекистони Нав – кишвари маҳсулоти рақобатбардор»** (минбаъд – Барнома), ки ба интихоби корхонаҳо – содиргарон аз тариқи озмуни кушод ба содиргарони пешқадам табдил додан ва ҳамаҷониба дастгирӣ кардани онҳо нигаронида шудаанд, маъқул дониста шавад.

Дар ин маврид дар доираи Барнома интихоби корхонаҳо – содиргарон дар пояи маҳакҳои зерин амалӣ карда мешавад:

корхонаҳо – содиргарон бояд ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шаванд ва фаъолияти худро дар тўли **на камтар аз ду соли охир** татбиқ намоянд;

миқдори маҳсулоти тайёре, ки дар тўли 12 моҳи охир содир мешаванд, бояд **аз 1 миллион доллари ИМА зиёд бошад;**

**саҳми даромадҳо аз содирот дар ҳаҷми умумии пардохт бояд аз 30 фоиз зиёд бошад;**

миқдори **хелҳои маҳсулоти тайёре**, ки ба содирот нигаронида шудаанд, бояд аз 2 навъ бештар бошад;

**ҷуғрофиёи содирот** дар тўли 12 моҳи охир, бидуни дарназардошти давлатҳои ҳамсоя, **бояд 2 мамлакатро дарбар гирад**;

дар ҳаҷми содироте, ки тўли 12 моҳи охир амалӣ шудааст, **саҳми қарздории ба таъхир гузошташудаи дебиторӣ бояд камтар аз 5 фоизро ташкил диҳад**.

Ба Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ супурда шавад, ки **ташаккули автоматикиро дар режими онлайн дар асоси номгўйи рейтингии** корхонаҳо дар Портали ягонаи дастгирии содиргарон (www.export-portali.uz) мувофиқи маҳакҳои дар боло нишондодашуда ва дар ҳар 6 моҳ мунтазам нав кардани онҳоро таъмин намояд.

3. Муайян карда шавад, ки:

а) Барнома зина ба зина аз тариқи дастгирии иловагӣ ва рағбатноксозии **200 корхона – содиргарон** (дар давраи аввал дар асоси рейтинги 50, аз 1 январи соли 2023-юм 100, аз 1 июли соли 2023-юм 200) татбиқ карда мешавад;

б) ба корхона – содиргароне, ки ба Барнома дохил карда шудаанд:

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

*Сайид Иброҳим РАИСӢ:*

## МО ТАЙЁРЕМ ЎЗБЕКИСТОНРО БА МУОҲИДАИ ЧОБАҲОР ДОХИЛ КУНЕМ ВА БА ГУЗАРГОҲИ ШИМОЛ-ҶАНУБ РОҲ ДИҲЕМ

***Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ 14-16 сентябри соли равон бо сафари расмӣ дар кишвари мо буд. Дар ҷараёни вохўрӣ бо Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба баррасӣ шуданд. Бинобар натиҷаи гуфтушунидҳои дараҷаи олии ўзбекистониву эронӣ 18 ҳуҷҷат ба имзо расид, ки ҳамкориҳои ҷабҳаҳои мухталифро дар бар мегиранд. Иброҳим Раисӣ ҳамчунин дар ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай, ки дар Самарқанд баргузор шуд, ширкат ҷуст.***

***Хабарнигори Оҷонсии миллии иттилоотии Ўзбекистон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ бобати даврони нави муносибатҳои тарафайни байни ду кишвар ва натиҷаҳои пешбинишудаи муоҳидаҳое, ки дар доираи ҳамоиши СҲШ ба имзо расиданд, суҳбат кард.***

**– Ҷаноби Президент, шумо дар муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии байни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Ўзбекистон кадом масъалаҳоро муҳим мешуморед?**

– Дар ибтидои суҳбат вазифаи худ медонам, ки ҳукумат ва халқи Ўзбекистонро бо сиюякумин солгарди истиқлоли Ҷумҳурии Ўзбекистон муборакбод намоям.

Аз рўзҳои нахустини истиқлоли Ўзбекистон Ҷумҳурии Исломии Эрон ба муносибатҳо бо кишвари шумо эътибори махсус медиҳад. Аз оғози фаъолияти ҳукумати сенздаҳум, ки пас аз Президент интихоб шудани ман ба Ҷумҳурии Исломии Эрон ташаккул ёфт, яке аз самтҳои бартариноки мо бинобар сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ рушди ҳамкориҳои бисёрҷанба бо кишварҳои ҳамсоя ва наздик, аз ҷумла бо Ўзбекистон гардид, ки дўст ва ҳамсояи мост. Агар масъалаи мазкурро дар доираи умумӣ баррасӣ намоем, равшан мегардад, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон аз роҳи сиёсати хориҷии худ пас намегардад ва бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳар ҷиҳат ҳамкорӣ менамояд.

Сафари расмии ман ба Ўзбекистон бинобар даъвати расмии бародарам Шавкат Мирзиёев, ҳамчунин ба сифати эҳтироми махсуси ман ба Аълоҳазрат баргузор шуд. Ду кишвари асосии минтақа – Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Ўзбекистонро умумияти таърихӣ, фарҳангӣ ва тамаддун алоқаманд мекунад, бинобар ҳамин ҳам рушди муносибатҳои тарафайни мо ҳатмист. Ҳангоми сафар ба шаҳри зебои Самарқанд ман хуб дарк намудам, ки решаҳои умумии байни халқи кишварҳои мо амиқанд, халқи бузурги Ўзбекистон бошад, сармояи асосии давлат аст, ин мардуми кушодадилу меҳнатдўсте мебошанд, ки барои шукуфоии мамлакат ва муваффақ шудан ба ҳадафҳои олӣ хастанопазирона кор мекунанд. Халқҳои Эрон ва Ўзбекистон бисёр шахсиятҳои бузурги илму адаб, аз ҷумла Хоразмӣ, Абу Алӣ ибни Синоро тарбия карда, ба хидмати ҷаҳониён гузоштаанд. Ин шахсиятҳо, бидуни шубҳа, ифтихори халқҳои тамоми олам ба шумор меравад.

Кишварҳои мо дар соҳаҳои мухталиф ҳамкорӣ доранд. Табодули ҳайатҳои дараҷаҳои гуногун дар соҳаҳои сиёсат ва амният амалӣ мешаванд, машваратҳои сиёсӣ мунтазам баргузор мегарданд, барои танзими осоиштаи вазъият дар Афғонистон, ки бо ҳар ду мамлакат ҳамсоя мебошад, дар байни сохтор ва созмонҳои нирўйӣ, ки барои мубориза бо ҷинояткории муташаккил, экстремизм, терроризм ва тиҷорати нашъа масъул мебошанд, ҳамчунин вазоратҳои корҳои хориҷӣ ҳамкориҳо амалӣ мешаванд. Баробари ин ҳар ду мамлакат дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ ва Созмони Милали Муттаҳид робитаҳои қаринро дастгирӣ мекунанд.

Соҳаи савдову иқтисод аз ҷумлаи ҷанбаҳои пешомадноки муносибатҳои ду кишвар ба шумор меравад. Афзудани ҳаҷми савдои тарафайн исботи равшани ин гуфтаҳо мебошад. Ўзбекистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи хуби транзитӣ дорад, имкониятҳои мусоиди транзитии Ҷумҳурии Исломии Эрон аз он шаҳодат медиҳанд, ки соҳаи нақлиёту транзит аз ҷумлаи ҳалқаҳои муҳими муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байни кишварҳои мо маҳсуб меёбанд. Ҷумҳурии Исломии Эрон барои истифодаи бандаргоҳҳои Эрон, аз ҷумла бандари муҳими баҳрии Чобаҳор барои Ўзбекистон тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст.

Сайёҳӣ низ аз соҳаҳои асосӣ дар муносибатҳои байни кишварҳои мост. Бо назардошти муҳимияти соҳаи мазкур ва имкониятҳое, ки дар ин ҷанба мавҷуданд, шахсони расмӣ ва соҳибкорон бояд баҳри рушди муносибатҳо дар ин самт бештар саъю кўшиш кунанд.

Умумияти таърихӣ ва фарҳангии ду мамлакат – барои ҳамкорҳои муфиди тарафайн асоси хуб мебошанд. Ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои эҳёи ёдгориҳои таърихӣ, иштирок дар намоишгоҳ ва чорабиниҳои соҳаи фарҳанг ва санъат, кино ва варзиш аз ҷумлаи корҳое мебошанд, ки татбиқ мешаванд ё худ дар рўзномаи кории ду мамлакат қарор доранд. Баробари ин бояд ҳамкорӣ дар соҳаҳои табодули донишҷўён, ҷудо кардани стипендияҳо ва ҳамкориҳои тарафайни байни муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ инкишоф ёбанд. Дар ҷараёни сафари ман ба имзо расидани як қатор ҳуҷҷатҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ намоиши қатъияти кишварҳои мо бобати ҳамаҷониба инкишоф додани муносибатҳои муфиди дуҷониба гардид.

**– Аҳолии ду мамлакат яксаду бист миллион нафарро ташкил медиҳад. Ин бозори бузург аст. Вай маънои онро дорад, ки истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хидматҳои гуногун барои соҳибкорони Эрон ва Ўзбекистон имконияти бағоят хуброфароҳам меоварад. Ба ин маънӣ дар бораи пешомади муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Эрон ва Ўзбекистон чӣ метавон гуфт?**

– Тавре ки шумо дуруст зикр кардед, Эрон ва Ўзбекистон аз ҷумлаи кишварҳои сераҳолитарини минтақа ба шумор меравaнд. Ин барои рушди ҳамкорӣ дар ҷанбаҳои мухталиф имконияти хуб аст. Бисёр муоҳида ва шартномаҳое, ки ба вусъат додани муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ нигаронида шудаанд, ба имзо расиданд. Вале, аз назари мо, онҳо ба иқтидори мавҷудаи ду мамлакат мусоидат намекунанд. Бешубҳа, ҳар ду кишвар барои пешниҳоди бартариҳои худ ва таъсири мусбат ба иқтисодиёти якдигар имконият доранд. Чунончи, захираҳои азими энергетикӣ, инфрасохтори нақлиёт, ки бандаргоҳҳо ва роҳҳои оҳанро фаро мегиранд, технологияҳои замонавӣ, комёбиҳои мо дар соҳаҳои тиб ва кишоварзӣ метавонанд аз ҷониби соҳибкорони ўзбекистонӣ истифода шаванд. Дар навбати худ Эрон метавонад аз имкониятҳое, ки шумо доред, истифода бубарад.

Дар даврони президентии Шавкат Мирзиёев рушди назарраси муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байни кишварҳои мо, аз ҷумла афзудани ҳаҷми савдои тарафайн, ҳамчунин мавҷудияти имконияти бузург дар самти мазкур қайд карда мешавад. Шубҳае нест, ҳукумати ду мамлакат бояд барои аз байн бардоштани монеаҳои мавҷуда дар роҳи рушди муносибатҳои байни корчаллонҳо саъю кўшиш кунанд. Ҳар ду мамлакат дар муҳлатҳои кўтоҳ бояд саъй намоянд, ки ҳаҷми савдои тарафайн дучанд афзояд. Ширкатҳои эронӣ барои ворид шудан ба Ўзбекистон ва ба роҳ мондани истеҳсолот дар ин кишвар имконятҳои зиёд доранд. Сармояҳои муштарак метавонанд аз воситаҳои хуби таҳкими робитаҳои иқтисодӣ гарданд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

### Матбуоти Венгрия дар бораи сафари расмии Президенти Ўзбекистон ва гуфтушунидҳои дуҷонибаи дараҷаи олӣ дар Будапешт

## ҲАМКОРИИ БАЙНИ ВЕНГРИЯ ВА ЎЗБЕКИСТОН ҲЕҶ ГОҲ ЧУН ИМРЎЗ ПУРМАҲСУЛ НАБУД

Расонаҳои пешқадами ахбори оммавии Венгрия, аз ҷумла нашрияҳои машҳури чопӣ ва электронӣ, ҷараён ва ҷамъбасти сафари расмии Президент Шавкат Мирзиёевро, ки 3-4 октябр ба вуқўъ пайваст, очилан ва муфассал равшан карданд.

Аз ҷумла сомонаи навгониҳои таъҷилии **«Index»**, ки ҳам навигариҳои Венгрия ва ҳам хабарҳои байналхалқиро равшан мекунад, менависад, ки 3-4 октябр Президенти Ўзбекистон бо сафари расмӣ ба Венгрия омад. Сафари охирини дараҷаи олӣ ба Венгрия пеш аз ин бист сол муқаддам ба амал омада буд, ин аз муҳимияти сафар шаҳодат медиҳад».

«Ўзбекистон яке аз шарикони муҳимтарини тиҷоратии Венгрия дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад ва бинобар он ки сиёсати бевоситаи ҳукумати Венгрия «рў ба сўи Шарқ» мебошад, муносибатҳо мунтазам инкишоф меёбанд», – қайд мекунад портали иттилоотии **«#moszkvater»** .

«Дар байни Венгрия ва Ўзбекистон шарикии муттасил ва пешомаднок, ҳамчунин дўстӣ ҳукмрон аст, барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудаанд», – иқтибос меоварад суханони сиёсатмадори шинохта – вазири корҳои хориҷӣ ва савдои Венгрия Петер Сийярторо **саҳифаи онлайни шабакаи телевизионии «Hir.tv»**.

«Венгрия Ўзбекистонро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба сифати шарики фавқулодда муҳим мешиносад. Ҳамкориҳо аз нуқтаи назари сиёсӣ, бехатарӣ, иқтисодӣ ва энергетикӣ аҳамияти стратегӣ доранд» , – таъкид мекунад портали **«BAON»** дар матолиби худ.

Барномаи асосии хабарии телевизиони ҷамъияти **MTVA «Hirado.hu»** хабар дод, ки дар ҷараёни сафар бо Президент ва Сарвазири гуфтушунидҳои сермаҳсул ба вуқўъ омаданд. Ҷонибҳо роҳи минбаъдаи таҳкими муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи стратегии венгериву ўзбекистониро муфассал баррасӣ намуданд.

**Портали иттилоотии «Metropol»** суханони сарвазири Венгрия Виктор Орбанро шарҳ дода менависад, ки «ҳамкории иқтисодии байни Венгрия ва Ўзбекистон ҳеҷ гоҳ чун имрўз пурмаҳсул набуд, шўрои соҳибкории венгериву ўзбекистонӣ дар ин бобат аҳамияти махсус дорад».

Бинобар натиҷаи гуфтушунидҳо понздаҳ муоҳида, аз ҷумла шартнома дар бораи рушди шарикии стратегии байни Венгрия ва Ўзбекистон ба имзо расиданд, мо ҳамчунин ният дорем ҳамкориҳоро дар соҳаҳои адлия, экология, варзиш ва хоҷагии халқ ба роҳ монем, хулоса мекунад **портали хабарии «Gyorplusz.hu»**.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри БУДАПЕШТ.*

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ МИНБАЪДА ВУСЪАТ ДОДАНИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

дар пояи муроҷиати корхонаҳо қисмати зиёдшудаи андоз, ки дар натиҷаи истифодаи андоз барои арзиши иловагӣ бинобар миқдори сифрӣ, ҳангоми татбиқ намудани амалиёти содиротӣ ва амалиёти ба онҳо баробар ба миён омадаанд, **бо тартиби зудамал дар тӯли 7 рӯз куллан баргардонида мешавад**;

ҳангоми вомгарӣ барои сарпур сохтани муомилоти маблағҳо ба бонкҳои тиҷоратӣ **тавсия дода мешавад, ки шартномаҳои содиротиро бо таъминоти қарзӣ қабул кунанд**;

аз ҳисоби маблағҳои Бунёди дастгирии содирот бо дарназардошти ҳаҷми содирот, ки дар тӯли 12 моҳи охир барои бо маблағ таъмин намудани амалиёти савдои пешазсодиротӣ ва содиротӣ **дар ҳаҷмҳои зерин кумаки молиявӣ пешниҳод мешаванд:**

**то 1 миллион доллар** – дар мавриди аз 1 миллион доллар то 5 миллион доллар будани ҳаҷми содирот;

**то 2 миллион доллар** – дар мавриди аз 5 миллион доллар то 10 миллион доллар будани ҳаҷми содирот;

**то 3 миллион доллар** – дар мавриди аз 10 миллион доллар то 15 миллион доллар будани ҳаҷми содирот;

**то 4 миллион доллар** – дар мавриди аз 15 миллион доллар то 20 миллион доллар будани ҳаҷми содирот;

**то 5 миллион доллар** – дар мавриди содироти беш аз 20 миллион долларӣ;

барои ҷорӣ намудани як меъёри байналхалқӣ ва ба даст овардани сертификат **дар ҳаҷми на бештар аз 30 ҳазор доллар кумаки молиявӣ пешниҳод карда мешавад**;

**машваратгарони хориҷӣ** оид ба равандҳои тиҷоратӣ, зиёд кардани ҳаҷми содирот ва баргузор намудани тадқиқоти маркетингӣ ҷалб карда мешаванд.

4. Комиссияи ҳукуматӣ оид ба масъалаҳои савдои хориҷӣ, сармояҳо, рушди саноати маҳаллӣ ва танзими техникӣ якҷо бо Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд дар муҳлати то 1 ноябри соли 2022 ба мақсади пешбурди ба бозорҳои хориҷӣ ворид шудани 100 адад корхонаи имконпазири маҳаллӣ аз ҳар кадом минтақаи ҷумҳурӣ барномаи чорабиниҳо дар пояи раванди **«аз соҳибкор – то содиргар»** андешида ва тасдиқ карда, ҳамчунин назорати иҷрои он ба роҳ монда шавад.

5. Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи замима тағйирот ворид карда шаванд.

6. Ба Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ супурда шавад, ки якҷо бо вазорату идораҳои манфиатдор **дар муҳлати ду моҳ:**

пешниҳод дар бораи ворид кардани тағйирот ва иловаҳои дахлдор ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи танзими асъор» кор карда баромада шавад;

ба Девони Вазирон дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таклиф ворид карда шавад.

Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини Сарвазир Ҷ. А. Хӯҷаев гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*30 сентябри соли 2022.*

# ДАР МАРАФОНИ "НАҶОТИ АРАЛ" – ПИРУ БАРНО




*Дар шаҳри Марғелон таҳти шиори "Мо Аралро наҷот медиҳем" марафон баргузор гардид.*

Дар он аз тамоми шаҳру навоҳии вилоят ҳудуди 3 ҳазор нафар варзишгарони ихтиёрии синну солашон аз 7 то 70 сола, варзишгарони касбӣ, хизматчиёни ҳарбӣ, маълӯлон ва хоҳишмандони зиёд ширкат варзиданд.

Ҳасанҷон Акбаралиев аз ноҳияи Данғара аввалин шуда ба фатҳи марра ноил шуд. Ҷойи дувум насиби варзишгар аз ноҳияи Тошлоқ Аҳрор Маҳмудалиев шуд ва ҷойи сеюмро сокини шаҳри Фарғона Раҳматулло Нуралиев ишғол кард. Ғолибони марафон соҳиби мукофотҳову диплом шуданд.

Як гурӯҳ иштирокчиён бо тӯҳфаҳои хотиравии ҳокимияти вилоят ва ташкилотҳои шарики он қадрдонӣ карда шуданд.

– Ин марафон барои он аҳамияти калонро молик мебошад, ки ҷалби таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба вазъи экологии ҳавзаи бахри Аралро ҳадаф қарор додааст. Мо чунин марафонро дар шаҳри Қӯқанди латиф низ баргузор мекунем ва он оҳиста характери оммавиро пайдо хоҳад кард, – гуфт намояндаи ҳокимияти вилоят Шоҳидҷон Аслонов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Сайид Иброҳим РАИСӢ:*

# МО ТАЙЁРЕМ ӮЗБЕКИСТОНРО БА МУОҲИДАИ ЧОБАҲОР ДОХИЛ КУНЕМ ВА БА ГУЗАРГОҲИ ШИМОЛ-ҶАНУБ РОҲ ДИҲЕМ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Тавре ки дар боло зикр шуд, бо назардошти миқдори зиёди аҳолӣ сайёҳӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд боз як самти назаррас ба шумор меравад, ки кишварҳои мо метавонанд куллан инкишоф диҳанд. Хурсандиовар аст, ки ҳар ду давлат бобати ҷонибияти сайёҳӣ дар ҷаҳон мавқеи баланд доранд. Мо метавонем сайёҳиро аз тариқи татбиқ сохтани чорабиниҳо бинобар афзудани миқдори хатсайрҳои тарафайни авиатсионӣ ва муқаррар кардани режими бидуни раводид инкишоф диҳем.

– **Самтҳои эронӣ, аз ҷумла гузаргоҳҳои нақлиётиву транзитие, ки ба бандари Чобаҳор мебаранд, барои Ӯзбекистон воситаи хеле мусоид бобати баромадан ба бахри кушод мебошанд. Хоҳишмандем, дар бораи корҳое, ки барои рушди ҳамкории ду мамлакат дар ин самт татбиқ мешаванд, ҳарф занед.**

– Ҷумҳурии Исломии Эрон омодааст ба кишвари шумо дар ин масъала ҳарчи бештар кумак расонад. Аз рӯзи аввали истиқлоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон мо таъкид намудем, ки шабакаи роҳҳои оҳан, автомобилгард ва баҳрии мамлакати мо, аз ҷумла бандаргоҳҳои Бандари Аббос ва Чобаҳор имкон доранд ба соҳибкорони ӯзбекистонӣ ба мақсади кашондани бор аз Ӯзбекистон ва давлатҳои дигар истифода шаванд. Вобаста ба ин дар чаҳорчӯбаи Муоҳидаи Ашхобод, шартномаи сеҷонибаи байни Эрон, Ӯзбекистон ва Афғонистон, як қатор дигар муоҳидаҳо саъю кӯшиши фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқӣ, консулӣ ва гумрукӣ барои ҳамкорӣ дар самти мазкур амалӣ шуданд.

Мувофиқи барномаҳои нави Ҷумҳурии Исломии Эрон дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин бунёди бисёр иншооти инфрасохтори роҳи оҳан ба нақша гирифта шудаанд, ки аз онҳо соҳибкорони ӯзбекистонӣ метавонанд барои ба роҳ мондани савдои хориҷии худ истифода бубаранд. Мо ҳамчунин ният дорем дар бандари Чобаҳор барои иштирок ва сармоягузории кишварҳои манфиатдор имкониятҳои зарурӣ ва мувофиқро фароҳам оварем. Мо тайёрем Ӯзбекистонро ба Муоҳидаи Чобаҳор дохил ва гузаргоҳи Шимол-Ҷанубро пешниҳод кунем. Дар байни мамлакатҳои мо бинобар масъалаи мазкур бисёр сафар ва гуфтушунидҳо гузаронида шуданд. Баробари ин, роҳҳои оҳан ва автомобилгарди Ӯзбекистон барои сафари тоҷирони эронӣ ба кишварҳои дигар мусоид дониста мешаванд ва мо аз онҳо дар доираи муоҳидаҳои дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалӣ истифода мебарем.

– **Шумо ба вазъи кунунии Ӯзбекистон дар ҷомеаи ҷаҳон, ҳамчунин сиёсати хориҷие, ки кишвари мо татбиқ менамояд, чӣ гуна баҳо медиҳед?**

– Ман ба муносибати ҳукумати Ӯзбекистон дар соҳаи сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ баҳои хуб медиҳам, онро ҳамаҷониба андешидашуда, мантиқӣ ва мусбат меҳисобам.

Сиёсати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи ҳамкориҳои муфиди тарафайн бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, ташаббусҳо дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар таҳкими сулҳу салоҳ ва эътидол дар минтақа нақши муҳим мебозанд.

Ҷамъомади Шӯрои сарони давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар чунин воҳӯриҳое, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил карда шудаанд, сазовори баҳои баланд мебошанд. Дар анҷоми суҳбат вазифаи худ медонам, ки ба бародарон ва хоҳарони мо аз Ӯзбекистон бинобар истиқболи сазовор ва меҳмоннавозиашон миннатдории амиқ изҳор намоям.

– **Мо низ ба Шумо барои он ки баҳри ҷавобдиҳӣ ба саволҳои мо вақт ҷудо кардед, ҳамчунин барои муносибатҳои самимии Ҷумҳурии Исломии Эрон нисбати халқ ва давлати мо сипосгузорӣ мекунем. Барои суҳбати пурмазмун миннатдорам!**

Мусоҳиб
**Аслиддин СУЮНОВ,**
**хабарнигори ӮзА.**

# КАСЕ ҲАҚ НАДОРАД, КИ БО ШЕВАИ ШАДИД ВА ТАҲҚИР КОР БАРАД

***Дар баъзе ҳолатҳо шабакаҳои иҷтимоӣ маводе пахш мекунанд, ки муносибати дағалонаи ҳокимону роҳбарони идораҳои давлатӣ нисбати шаҳрвандони одӣ ва корафтодагонро бозтоб медиҳанд. Аммо баъзан садоҳои навори аудиоӣ ҳолатҳоеро низ акс мекунанд, ки ба шахсони дигар тааллуқ доранд ва ё то давраи ҳоким таъин шудани ин ё он шахс дар навор сабт шудаанд.***

Ба наздикӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ маҳз яке аз чунин садоҳо паҳн шудааст, ки онро ба ҳокими ноҳияи Тошлоқ Абдуқаҳҳор Ҷӯрабоев тааллуқ додаанд. Дар сабти аудиоӣ сӯҳбате ҷараён дорад, ки дар он суханони таҳқиромез истифода шудааст. Ба таъкиди маводи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳокими ноҳияи Тошлоқи вилояти Фарғона Абдуқаҳҳор Ҷӯрабоев зердастони худро ҳақорат кардааст.

Ин навори аудиоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят аз натиҷаҳои он оммаро огоҳ намудааст. Тавре ки дар он зикр шудааст, зимни таҳқиқ маълум шуд, ки сабти аудиоии ба ҳокими ноҳияи Тошлоқ нисбатдодашуда воқеан ба Абдуқаҳҳор Ҷӯрабоев тааллуқ дорад.

"Дар сӯҳбате, ки дар навори аудио сабт шудааст, муҳокимарониҳои Абдуқаҳҳор Ҷӯрабоев ба ҳайси роҳбари кластери пахтаю нассоҷии "Expo Kollor Prin Tex" ифода ёфтааст, ки ба тирамоҳи соли 2021 рост меояд. Вай роҳбарони хоҷагиҳоеро шадидан интиқод кардааст, ки ӯҳдадориҳои пахтасупориро иҷро намекунанд", омадааст дар муносибати расмии ҳокимияти вилоят.

Гуфта мешавад, ки вуҷуд доштани қарзҳо аз ҳисоби хароҷоти гуногун ва пардохтҳои кластер дар мавсими пахта маълум гашта, бо вуҷуди мавҷуд будани пахта дар саҳро, бархе аз деҳқонон кӯшиш ба харҷ надодаанд, ки қарзро бо пахтачинӣ ҷуброн кунанд. Маҳз дар ҳамин ҳолат Абдуҷаббор Ҷӯрабоев аз лаҳни шадид кор гирифтааст.

Дар муносибати расмии ҳокимияти вилоят боз қайд карда мешавад, ки давраи сиёсати зӯроварӣ гузаштааст ва ҳеҷ кас ҳақ надорад касеро таҳқир кунад, ба шахсияти ӯ даст расонад. Роҳбар бояд ҳама корҳоро дар доираи қонун анҷом диҳад, ҳокими имрӯза бо кору гуфтор ва рафтораш ба ҳама намунаи ибрат шавад. Новобаста аз он, ки вазъ дар сабти садои паҳншуда як сол пеш ба вуқӯъ пайвастааст ва ширкати Абдуқаҳҳор Ҷӯрабоев дар он ба ҳайси роҳбари кластери "Expo Kollor Prin Tex" арзёбӣ мегардад, чунин рафтори роҳбар, хусусан ҳокими ноҳия ҳаргиз ба доираи ахлоқу одоб дуруст намеояд.

Тибқи фармойиши ҳокими вилоят ба Абдуқаҳҳор Ҷӯрабоев танбеҳ дода шудааст. Ҳамзамон, 26 сентябри соли равон дар ҷаласаи васеи комиссияи доимии Шӯрои депутатҳои халқи вилоят оид ба «Низомнома ва масъалаҳои одоби депутатӣ» ҳокимони шаҳру ноҳияҳо огоҳ карда шудаанд. Тақозо шудааст, ки ҳар кадоми онҳо ба маданияти рафтору ахлоқи ҳамидаи инсонӣ қатъиян риоя кунанд, нисбат ба тобеони худ ва шаҳрвандон ҳаргиз муносибати дағалонаро раво набинанд.

Дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят тазаккур додааст, ки масъулияти ҳокимони шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони идораҳо дар ҳар гуна ҳолату вазъият бояд дар доираи қонун сурат гирад ва ба касе иҷоза дода намешавад, ки шаъну шарафи одамонро паст занад ва нисбати онҳо муносибати дағалонаро раво бубинад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ДАР БРИТАНИЁИ КАБИР МУСАВВАДАИ МАХСУСИ ХОТИРАВӢ БАХШИДА БА ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БО ТЕЪДОДИ ЗИЁД НАШР ШУД

***Мусаввада дар доираи лоиҳаи муштараки хонаи табъу нашри «Brooklands New Media» ва сафоратхонаи Ӯзбекистон тайёр гардид.***

Дар ин мусаввадаи хотиравӣ, ки аз 143 саҳифа иборат аст, дигаргуниҳои васеъмиқёсе, ки аз ҷониби роҳбари Ӯзбекистон ба роҳ монда шуда, тайи солҳои 2017-2021 татбиқ гардидаанд, ҷой доранд. Ғайр аз ин, маълумоти комёбиҳо ва нақшаҳо бобати ислоҳоти минбаъдаи мамлакат ва ҷамъият пешниҳод шудаанд.

Махсус қайд мегардад, ки идома додани роҳи ислоҳоти ҳамаҷонибаи дар Стратегияи амалиёт барои солҳои 2017-2021 инъикосёфта, дар Стратегияи навини рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 низ таъкид гардидаанд. Қайд карда мешавад, ки ҳуҷҷат пас аз ғалабаи назарраси Шавкат Мирзиёев дар интихоботи президентии соли 2021, ки зуҳури муваффақияти сиёсати ислоҳсозии роҳбари Ӯзбекистон ва эътимоди аҳолии мамлакат ба ояндаи худ таҳти роҳбарии ӯ гардид, қабул шуд.

Китоб аз 13 боб иборат буда, ба комёбиҳои амалии Ӯзбекистон таҳти роҳбарии Президент дар соҳаҳои асосӣ, аз ҷумла трансформатсияи иқтисодӣ, савдо ва сармояҳо, ислоҳоти идораи давлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, рушди секторҳои энергетикӣ, кишоварзӣ, инфрасохтор, нигаҳдории тандурустӣ ва ҷанбаи иҷтимоӣ, таъмин сохтани ҳуқуқи меҳнаткашон, ҷомеаи рӯшод ва рушди устувор, таҳкими иқтидори мудофиавӣ ва амният бахшида шудааст.

Теъдоди мусаввада 10 ҳазор нусха буда, он, пеш аз ҳама, дар байни шарикони хонаи табъу нашр аз ҷумлаи соҳибкорони бузурги байналмилалӣ ва ширкатҳои молиявӣ (American Airlines, American Express, BAE Systems, BMW, British Petroleum, British Airways, Chevron, China Construction Bank, Deutsche Bank, DHL, General Motors, Goldman Sachs, HSBC, Huawei, IBM, JP Morgan, KPMG, Samsung ва ғайра) тақсим карда мешавад.

«Brooklands New Media» – нашриёти махсус буда, 25 сол боз нашрияҳои баландсифатро дар бораи арбобони давлатӣ, ширкатҳои трансмиллӣ ва брендҳои ҷаҳонӣ ба табъ мерасонад. Нашрия аз ҷумла мусаввадаҳоро бахшида ба фаъолият ва саҳми маликаи Британиёи Кабир Елизаветаи II, роҳбари серкови католикӣ Папаи Рим Франсиско, собиқ Президенти ИМА Доналд Трамп ва ғайраро чоп кардааст.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ЛОНДОН.*

# БА МАҲАЛЛААМОН МЕҲМОН ШАВЕД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар поёни чорабинӣ ба ҳамаи фаъолоне, ки дар кори хайр саҳм гузоштаанд, сипоснома ва тухфаҳои қиматбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ ва ҳокимияти вилоят супурда шуданд. Ба китобхонаи маскани маънавиёт ва маърифат ду ҳазор китоби бадеӣ, компутер ва ба ҷавонони варзишгар либосҳои махсуси варзишӣ тухфа карда шуд.

Аз рӯйи анъанаи халқамон шоҳи таомҳо – ош пухта, ба халқ пешкаш карда шуд. Дар чеҳраи сокинони маҳалла, ки дар гирди дасторхон ҷамъ омадаанд, аз зиндагии имрӯза қаноатмандӣ дида мешавад. Уйғурсой намуди ҳақиқии идона гирифт.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ЭҶОДКОРОНИ ҚАРОҚАЛПОҚ ДАР САМАРҚАНД

***Рӯзҳои фарҳанги Қароқалпоқ барои аҳли қалами вилоят ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт. Қариб 15 нафар шоиру нависандагони назди баҳри Арал на танҳо аз боздиди ёдгориҳои таърихии шаҳри бостонӣ илҳом гирифтанд, инчунин аз сӯҳбати дилнишину самимии мухлисони каломи бадеъ баҳра бардоштанд.***

Пас аз сайру саёҳати меҳмонон дар шаҳри Самарқанд, дар қасри ҷавонон шабнишинии адабӣ ба вуқӯъ пайваст. Дар анҷумани бошукӯҳ шоирон, нависандагон, адабиётшиносон, донишҷӯёни мактабҳои олии Самарқанд, вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ ва дигарон ширкат варзиданд.

Дар бораи мақсад ва вазифаҳои асосии анҷумани мазкур раиси иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, узви сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, шоир Сироҷиддин Саййид ҳарф зада, таъкид намуд, ки иди адабиёти Қароқалпоқ дар Самарқанд бори нахуст баргузор мешавад. Он бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлатамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев сурат мегирад, ки барои мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо хидмат хоҳад кард.

Қайд кардан лозим аст, ки эҷодиёти намояндагони адабиёти Қароқалпоқ дар рушду нумӯи фарҳанги мардуми турkзабон бузург мебошад. Бердақ, Аҷиниёз, Иброҳим Юсупов, Тулепберген Қаипбергенов, Шаудирбай Сейитов ва дигарон дар ташаккул ва инкишофи тамаддуни забони туркӣ саҳм гузоштаанд.

– Дар хиёбони адибон, ки бо ташаббуси Президентамон Шавкат Мирзиёев ташкил шудааст, ба Тулепберген Қаипбергенов ва Иброҳим Юсупов ҳайкал гузоштаанд. – гуфт раиси шуъбаи минтақавии иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Қароқалпоқ Кенесбай Каримов, – ин ҳурмату эҳтиром ба аҳли қалами халқи мо мебошад.

Меҳмонон, инчунин ба идораи рӯзномаҳои «Зарафшон», «Овози Самарқанд», «Самаркандский вестник» ташриф оварда, бо фаъолияти журналистони самарқандӣ аз наздик ошно гардиданд.

Дар маҷлисгоҳи шуъбаи таълими халқи ноҳияи Самарқанд низ муаллимони забони модарӣ ва адабиёт бо эҷодкорони қароқалпоқистонӣ суҳбати дилнишин оростанд.

Ҷонишини мудири шуъбаи таълими халқи ноҳияи Самарқанд Шерзод Абулхайров меҳмононро хайра мақдам гуфта, тухфаҳои хотиравӣ супорид.

– Яке аз шоҳроҳи шаҳри Нуқус ба номи устод Айнӣ аст, – бо ифтихори бузург иттилоъ дод сардабири маҷаллаи «Амударё», шоир Халил Давлатназаров, – камина қариб ҳар рӯз аз кӯча гузашта, беихтиёр ӯро ба хотир меоварам.

Таассуроти мо аз маҷмӯи меъмории «Шаҳри абадӣ» як олам. Иншоοллоҳ, ҳар яки мо ҳол ба қудрат доир ба Самарқанд достону ҳикоёт, шеъру қисса хоҳем навишт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

## ХАБАРҲО

### БУНГОҲҲОИ НАВИ ТИББӢ

**Дар ноҳияи Қарокӯли вилояти Бухоро ба мақсади беҳсозии дастрасии ёрии аввалини босифати тиббию санитарӣ ба аҳолии маҳаллаҳои дурдаст корҳои назаррас ба анҷом мерасанд.**

Ба қарибӣ дар маҳаллаҳои «Шӯробод» ва «Мироб»-и ин ноҳия бунгоҳҳои нави тиббӣ ба фаъолият шурӯъ карданд. Дар маросими кушодашавии ин муолиҷагоҳҳо мутасаддиёни ҳокимияти ноҳия, намояндагони ҷамоатҳо ва фаъолони маҳалла ширкат ҷустанд. Акнун ба 6 ҳазор нафар сокини маҳаллаҳои мазкур барои истифода аз хидмати тиббӣ роҳи 5-6 километраи то маркази ноҳияро тай кардан шарт нест. Зеро дар бунгоҳҳои нав ду нафар духтури амалиёти умумӣ ва 13 ҳамшира баҳри муоина ва табобати онҳо омода мебошанд.

Гуфтан бо маврид, ки ҳоло аҳолии маҳаллаҳои дурдасттарини «Дарғабоғӣ», «Оқ олтин», «Камолот», «Қаймоқчӣ», «Чандиробод» низ аз чунин имконият бархурдоранд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

### АНОРИ ХУШТАЪМИ ҚУВА

**Вилояти Фарғона бо сабзавот ва меваҷоти худ низ машҳур. Хусусан, ноҳияи Сӯх бо картошка, Олтиариқ бо турб ва ангури хӯрданибоб ном баровардааст. Дар ноҳияи Қува бошад, беҳтарин навъҳои анор парвариш карда мешавад. Мегӯянд: "Анори Қува – ба ҷисму ҷон қувва".**

Таҳти ташаббуси Иттиҳодияи анорпарварони Ӯзбекистон ва ҳамдастии он бо Иттиҳоди Аврупо, Бонки ҷаҳонӣ, Вазорати кишоварзии Ӯзбекистон, Маркази рушди стратегии озуқаворию кишоварзӣ ва тадқиқотҳои байналхалқӣ, ҳокимияти вилояти Сурхондарё дар ноҳияи Шеробод нахустин ҷашнвораи ҷумҳуриявии анор баргузор гардид. Ин чорабинӣ низ воқеан аълосифатӣ ва лаззатнокии анорҳои Қуваро исбот намуд. Аз рӯйи номгӯи "Хуштаъмтарин навъи анор" кластери ихтисосондашудаи "Қува анори"-и ноҳияи Қува ҷойи аввалро гирифт. Аз рӯи номинатсияҳои дигар пирӯзӣ ба корхонаҳои анорпарварии ноҳияҳои Мирзоободи вилояти Сирдарё ва Янгиқӯрғони вилояти Намангон насиб кард.

Дар ҷашнвора намояндагон аз Озарбойҷон, Туркия, Чин, Корея, Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ба сифати меҳмон иштирок карданд.-Онҳо ба калонии анори парваришкардаи сокини ноҳияи Шеробод М.Абдураҳмонов низ таваҷҷуҳ нигаронданд, ки бо шакл тӯби гандболро ба хотир мерасонд. Анор як килою 580 грамм вазн дошт.

### ПИРОНСОЛОН – ГУЛИ САРИ САБАД

**Мувофиқи қарори Президент дар бораи чораҳои эъзози солхӯрдагон ва беҳдошти дараҷаи зиндагии онҳо дар ҷойҳо бо иштироки насли калонсол чорабиниҳои маданӣ гузаронда мешаванд. Даҳрӯзаи аввали моҳи октябр "Ҳафтавори мӯйсафедон" баргузор ва дар онҳо пиронсолон гули сари сабад қарор мегиранд.**

Дар доираи ҳафтавор аз ҷониби ҳокимияти шаҳри Тошканд 102 нафар собиқадорони меҳнат аз пойтахт ба Самарқанд фиристода шуданд. Зиёрат кардани ёдгории Хоҷа Дониёр, маҷмӯи Шоҳизинда ва майдони Регистон ба онҳо таассуроти хуб гузошт.

Дар ноҳияи Учтеппаи пойтахт чорабиниҳои маънавӣ ва хайриявӣ ҳамоҳанг шуданд. "Суҳбатҳо сари пиёлаи чой" ба мӯйсафедон хуррамӣ бахшид. Онҳо дар мусобиқаҳо аз рӯйи шоҳмот қувва санҷиданд ва мисле ба ҷавонӣ баргаштанд.

Масъулони ҳокимияти ноҳия аз аҳволи куҳансолтарин сокини кӯчаи Қурилиш Очилбойбобо Орипов хабар гирифтанд, ки 98-сола шудааст. Даҳрӯзаи аввали моҳ даҳрӯзаи дуогириҳост, мегӯянд ташкилотчиёни чорабиниҳо.

### САМАРАИ ҲАМКОРИҲО

**Ҳамкории Гурӯҳи энергетикии саноатӣ (SEG) бо «Ӯзбекнефтегаз» ва Вазорати энергетика барои рушди нафт ва энергетикаи мамлакатамон заминаҳои тоза меофарад.**

Барномаи васеъ сохтани ҳаҷми кофтани нафт татбиқ ёфта, заводҳои коркарди нафт мавриди модернизатсия қарор мегиранд. Саъю ҳаракатҳои якҷоя қабл аз ҳама ба он нигаронда шудаанд, ки мамлакати мо худро бо ашёи хоми карбогидрид ва маҳсулоти нафт таъмин карда тавонад. Ҳамкориамон дар дараҷаи давлатӣ самара мебахшад, мегӯяд сардиректори ҲГЭ Шокир Файзуллоев.

Натиҷаи ҳамин ҳамдастиҳост, ки имрӯзҳо заводи коркарди нафти Фарғона баъди модернизатсия ба иқтидори тоза молик мегардад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

# МУҲАҚҚИҚИ БУЗУРГ ВА ШАРҚШИНОСИ КАМНАЗИР

***Дар таърихи башарӣ шахсиятҳое ҳастанд, ки ном ва корномаашон аз ҳофизаи фарҳангии халқ дур намешавад ва хидматҳои дар роҳи илм ба анҷом расонидаашон онҳоро ҷовидона мегардонанд. Пасояндагон аз рӯйи муҳаббат амалҳои неку шоистаашонро бо самимият ёд менамоянд. Ба он гунае, ки шоир мегӯяд:***

***Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накуном зист,***
***К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.***

Дар ҳақиқат, академик А. Мирзоев аз ҷумлаи ҳамин гуна фарзандони беназири тоҷик мебошад, ки тамоми умри бобаракати хешро сарфи илму дониш карда, дар рушди адабиётшиносӣ ва шарқшиносии ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштааст.

Абдулғанӣ Мирзоев соли 1908 дар деҳаи Варганзаи ҳоло ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарёи Ӯзбекистон дар оилаи босаводу ҳунарманд ба дунё омада, мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро дар ноҳияи Қаршӣ хатм кардааст. То барқарор шудани мактабу маориф дар ноҳияи Китоби деҳаи Варганза Абдулғании наврас дар мадраса таҳсил намуда, аз модари бузургвораш ба таври алоҳида, якҷо бо бародару хоҳаронаш, сарфу наҳви арабӣ, қироати девони Ҳофизу Бедил ва илмҳои балоғатро омӯхта, саводи мукаммал пайдо карда будааст. Вай баъди хатми мактаби миёна чанд сол ба сифати хидматчии давлатӣ дар ноҳияи Қаршӣ кору фаъолият карда, сипас барои кор ба Сталинобод (Душанбеи ҳозира) даъват мешавад. Дар он ҷо вай, баробари корҳои давлатӣ, бо рӯзномаи "Тоҷикистони сурх" ҳамкорӣ карда, баъдан ба сифати мудири шуъба интихоб мегардад. Соли 1939 ба факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург (Ленинград) дохил мешавад ва бо баҳои аъло онро хатм мекунад.

А. Мирзоеви ҷавони боистеъдод ва ташнаи илм баъди хатм аввал дар кафедраи забони Донишкадаи педагогии Душанбе ба номи Шевченко ба сифати омӯзгор корро шурӯъ мекунад. Дере нагузашта ӯро ба сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ дар Эрон ба кор даъват мекунанд ва дар он ҷо ду сол адои вазифа мекунад. Баъдан донишманди соҳибзавқ аз соли 1945 то охири умраш (яъне то соли 1976) дар вазифаҳои гуногун: аввал мудири шуъба, баъдан директори Пажӯҳишгоҳи таърих, забон ва адабиёти шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, устод ва мудири кафедраи арабии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва ахиран директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Дар умри пурбаракати худ адабиётшинос ва шарқшиноси барҷаста садҳо мақолаҳои илмиву оммавӣ ва як қатор асарҳои бунёдӣ таълиф намудааст. Вай ба сифати муҳаққиқи пуркор дар Иттиҳоди Шуравӣ, Эрону Афғонистон, Покистону Ҳиндустон ва соир кишварҳои Осиё шинохта шудааст. Ба хидматҳои бесобиқаи академик А. Мирзоев шахсиятҳои барҷастае мисли С. Айнӣ, Б. Ғафуров, С. Табаров, Ғафур Ғулом, Ш. Рашидов, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, Саид Нафисӣ, Забеҳулло Сафо, Я. Рипка, И. Бечка ва дигарон баҳои баланд додаанд.

Академик А. Мирзоев ҳамчун донишманди асил барои рушди илмҳои таърихшиносӣ, адабиётшиносӣ, шарқшиносӣ, матншиносӣ ва манбаъшиносӣ нақши сазовор гузошта, як қисми осораш ба ганҷинаи илми ҷаҳонии ховаршиносӣ ворид шудааст.

Вай фаъолияти эҷодии худро аз кори рӯзноманигорӣ шурӯъ карда, бо тахаллусҳои гуногун дар рӯзномаҳои "Овози тоҷик", "Бедории тоҷик" ва "Тоҷикистони сурх" мақолаҳо интишор намудааст.

Вай аз нимаи солҳои 30-юм ба таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ машғул шуда, мақолаҳои "Фаркҳои семантикии суффикси "ак", "Духтархона" чист?", "Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи калимаҳои нумеративӣ"-ро таълиф кардааст. Нахустин китоби ӯ "Дар атрофи палеонтологияи забон" (1936) ном дошта, масъалаҳои омӯзиши таърихи забони тоҷик ва баъзе паҳлуҳои назарии онро фарогир мебошад.

Академик А. Мирзоев солҳои чилум рӯ ба таҳқиқи таърихи адабиёти халқи тоҷик оварда, дар ин замина асару мақолаҳои илмии зиёде таълиф намудааст. Олими нуктасанҷ дар солҳои аввали фаъолияти адабиётшиносии худ ба омӯзиши осори ду адиби машҳури тоҷик: Сайдои Насафӣ ва Камолиддини Биноӣ аз ҳама бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда, хидмати онҳоро дар рушди адабиёти тоҷик дуруст муайян намудааст ва доир ба паҳлуҳои мухталифи эҷодиёти онҳо мақолаҳои тадқиқотӣ таълиф кардааст. Бахусус, рисолаи олими дақиқназар дар бораи "Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик" (1947) намунаи барҷастаи кори бунёдӣ дар шинохти шахсияти шоири ғазалсаро мебошад. Вай дар асари худ баробари шарҳи вазъи замони шоир, тарҷумаи ҳол, мероси адабӣ ва маҳорату истеъдоди шоирии Сайидои Насафиро мавриди пажӯҳиш қарор додан, нақши ӯро дар таърихи адабиёти тоҷик дуруст муайян менамояд. Вай аксари сарчашмаҳои илмиву таърихӣ ва тазкираҳоеро, ки дар бораи Сайидо маълумот додаанд, омӯхта, бо мисолҳои равшан маҳорати суханварии шоирро таҳлил ва нақду баррасӣ менамояд. Барои шинохти чеҳраи адабии Сайидо ва муҳити таърихии асри XVII китоби академик А. Мирзоев дар илми адабиётшиносӣ ва шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ беназир мебошад. Пеш аз асари мазкур олими ҷавон бо омӯзиши фолклор машғул шуда, китоби "Зарбулмасалҳои тоҷикӣ" ва мақолаи "Дар бораи зарбулмасалҳо"-ро таълиф карда, мавқеъ ва таъсири зарбулмасалҳоро дар адабиёти шифоҳӣ ва бадеӣ возеҳу равшан шарҳ медиҳад.

Устод А. Мирзоев минбаъд корҳои илмиву тадқиқотиро доир ба омӯзиши осори адибони асрҳои XV ва XIX идома дода, доираи пажӯҳишашро васеъ менамояд. Донишманд ба омӯзиши осори Малеҳои Самрқандӣ машғул шуда, дар ин мавзӯъ «Муҳимтарин сарчашма доир ба таърихи адабиёти асри XVII», «Тазкираи Малеҳо ва як қатор масъалаҳои таърихӣ», «Малеҳо ҳамчун сухансанҷи адабиёти асри XVII», «Бори дигар дар бораи тазкираи Малеҳо» ( солҳои 1940–1961) барин мақолаҳои илмиро таълиф менамояд. Дар ин пажӯҳишҳои бунёдӣ зиндагӣ ва осори Малеҳои Самарқандӣ таҳқиқ шуда, хидмати ӯ дар адабиёти тоҷику форс дуруст муайян карда мешавад. Бахусус, пажӯҳишгар доир ба аҳамияти тазкираи «Музокир -ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда, мавқеи онро дар шинохти ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр ва Хуросон муҳим мешуморад.

Баъд аз ин академик А. Мирзоев дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Мулҳами Бухороӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Сайфии Бухороӣ ва Камолиддини Биноӣ мақолаҳои илмӣ таълиф мекунад. Вай дар мақолаҳои "Боз дар атрофи як қасидаи Рӯдакӣ", "Абу Исҳоқ ва назми асри XX: порча аз рисолаи "Абу Исҳоқ ва фаъолияти адабии ӯ", «Ду фикри ғалат роҷеъ ба як қасидаи машҳур: дар бораи қасидаи "Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён"-и Рӯдакӣ бисёр паҳлуҳои норӯшанро дар адабиётшиносии муосири тоҷик ошкор кардааст.

Устод А. Мирзоев махсусан ба таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти Камолиддини Биноӣ диққати ҷиддӣ дода, дар бораи муҳити таърихӣ ва адабии замони шоир рисолаи калонҳаҷм ва пурмуҳтаворо бо номи "Биноӣ" таълиф менамояд. Муҳаққиқи дақиқназар дар китоби мазкур муҳити адабиву таърихӣ, зиндагинома, маҳорату истеъдод, камолоти шоирӣ, ҳунари эҷодӣ ва қобилияти баланди сухандонии ин адибро таҳлил карда, ба ҳунару истеъдоди вай баҳои баланд медиҳад. Адабиётшинос ба бисёр масъалаҳои баҳснок доир ба шахсияти Биноӣ хотима гузошта, мавқеи ӯро дар адабиёти тоҷик дуруст муайян менамояд.

Академик А. Мирзоев ба шахсияти адабиву илмии Абуалӣ ибни Сино низ баҳои баланд дода, хидмати ӯро дар рушди илми тиб, фалсафа, шеъру шоирӣ, ҳикмат ва дигар илмҳои замон равшан намудааст. Олими заҳматкаш дар муқаддимаи китоби «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» чеҳраи илмиву адабии Абуалӣ ибни Синоро дуруст муайян кардааст. Муҳаққиқ аз сарчашмаҳои мухталифи илмиву адабӣ ҳикояву ривоятҳои зиёдеро ҷамъ оварда, истеъдоди фитрӣ, қобилияти баланди илмӣ ва табиби ҳозиқ будани ин нобиғаи Шаркро исбот кардааст.

Саҳми академик А. Мирзоев дар шинохти адабиёти асри X ва махсусан рӯзгор ва осори Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ беназир ва бебаҳс мебошад. Вай дар ду рисолаи худ «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV», «Абуабдулло Рӯдакӣ» чеҳраи тобноки сардафтари адабиёти классикии тоҷикро таҳқиқ карда, нақши Устод Рӯдакиро дар рушди адабиёти ҳазору садсола дуруст ва воқеӣ равшан намудааст.

**(Давомаш дар саҳ.4).** ⇨



# ҶОЗИБАИ НАВИ МАСКАНИ ТИББИИ «ҚӮРҒОНИ ВАРДОНЗЕ»

***Дар деҳаи Қӯрғони Вардонзеи ноҳияи Шофиркон поликлиникаи оилавии 46-ум фаъолияти худро сар кард. Дар маросими кушодашавии он роҳбарону фаъолони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қӯрғони Вардонзе», собиқадорони меҳнат, духтурон, сокинони деҳа ва меҳмонон иштирок карданд***

Бояд таъкид намуд, ки бунгоҳи тиббӣ мувофиқи Барномаи давлатии «Деҳаи обод» аз тарафи бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Шофиркон Ҷӯинав қурилиш» дар муддати кӯтоҳ аз таъмири мукаммал баромад. Барои ин 705 миллион сӯм маблағ харҷ гардид. Гуфтан ҷоиз аст, ки кормандони бунгоҳи тиббӣ бо сарварии духтури амалиёти умумӣ Наврӯз Наврӯзов азму кӯшиш доранд, ки ба мардум хидмати баландсифати тиббӣ расонанд.

Ба тадбир ҷонишини ҳокими ноҳия Акмал Қазоқов ибтидо гузошт. Таърихшинос, профессори ДДБ Шодмон Ҳаитов ба сухан баромада, дар бораи таърихи Вардонзе, аз шаҳри Бухоро дида кӯҳнатар будани ин деҳа, дилкушоду меҳмондӯст будани мардуми он ҳарф зада, аҳли Вардонзеро бо муолиҷагоҳи пурҷозиба муборакбод намуд. Сардори иттиҳодияи тиббии ноҳия Азмиддин Фахриев ва дигарон низ ҳозиронро бо ғамхории навбатии давлатӣ муборакбод намуда, номи онҳоеро, ки баҳри ҳифзи саломатии сокинони деҳа замоне хидмат кардаанд, ба забон гирифтанд. Дар маросим ба сарвари бинокорон ҷома пӯшонданд.

Лентаи рамзӣ бурида шуда, меҳмонону мизбонон вориди муассиса гардида, бо имкониятҳои фароҳамовардашуда шинос шуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

# НАВИСАНДА, МУТАРҶИМ, ФИЛМНОМАНАВИС

***Шастсолагии аҳли адабро «авҷи камолоти эҷодӣ» мешуморанд. Бад-ин маънӣ, синни 60 оғози давраи пиронсолӣ нест, балки барои онҳое, ки эҷод мекунанд, давраи камолот аст. Нависандаи ӯзбек Назар Эшонқул алъон ҳамин гуна давррo аз сар гузаронда, ҳамон бо рағбати тамом дар шоҳроҳи эҷод қадам ва қалам мезанад.***

Вай ҳанӯз соли 1984 аввалин қиссаи худ «Одамҳои ҷанг»-ро иншо намуда буд. Повест соли 1989 рӯйи чоп дид. Баробари китобхонҳо танқиди адабӣ ба асар баҳои муносиб дод. Дар мавзӯи ҷанг чизе навиштан хусусан ба эҷодкороне, ки солҳои баъдиҷангӣ ба дунё омадаанд, хеле душвор.

Тавре ба назар мерасад, дар ин мавзӯъ танҳо ҳамонҳое асарҳои ҷолиб, зинда ва таъсирбахш навишта метавонанд, ки худ душвориҳои ҷангро аз сар гузарондаанд. Вале нависанда Назар Эшонқул собит намуд бо шунидани нақлҳои сӯзноки одамҳои давраи ҷангӣ низ асарҳои хуб ва муассир иншо кардан мумкин.

Муаллиф мегӯяд, саъй кардам воқеаҳои реалиро, ки одамҳои давраи ҷанг аз сар гузарондаанд, ба қалам диҳам. Вале асар, ки бадеист, бояд пироҳани зебои тасвир ва хаёлоти бадеиро ба бар дошта бошад. Қиссаи «Одамони ҷанг», аз ин лиҳоз, бинобар ҳаётӣ будан ва бо тасвирҳои хуби бадеӣ ороиш ёфтан хонданӣ шудааст.

Бобои нависанда дар фронт алайҳи фашистон размида ва бедарак гум шудааст. Бибиаш ду фарзанди хурдсолро бо азоб калон кард. Назар нақлҳои пур аз обичашми бибӣ шунида ва мутаассир мегашт. Барои рӯйи дунё дидани «Одамони ҷанг» нақлҳои ӯ, саргузаштҳои вазнини яке аз ақрабои дураш, ки аз фронт ба деҳа баргашт ва дар бораи ҳамсараш, робитаи ӯ бо раиси колхоз ҳар хел гапҳо шунид ва дунё якбора ба назараш торик тофт, сабаб шудааст. Ғурури он мард роҳ нагузошт дар деҳа монда ва бо раису ҳамсари бевафояш аз як ҳаво нафас кашад. Вай ҷома ба китф партофт ва сари худ гирифту баромада рафт. Тақдири ӯ водошт Назарро, ки қалам ба даст гирад.

Дар ибтидо шеърҳо менавишт. Баъде «Одамони ҷанг» нашр гашт, шеърро тарк кард ва ҷиддан ба наср гузашт.

Чанд сол пеш аз «Одамони ҷанг» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» порчаҳо (дар тарҷумаи камина) ба табъ расида буданд. Қаҳрамони лавҳаи мо ҳамчунин муаллифи «Офтоби паси уфуқ», «Одам бо маймун», «Шамолро дошта намешавад», «Суруди модаркалон», «Нагҳати пӯдина», «Шафтолугул» ва китобҳои дигар мебошад, ки дар нашриётҳои гуногун чоп ва аз ҷониби ҳаводорони насри бадеӣ пазируфта шуданд.

Аз осори ӯ ба дигар забонҳо низ намунаҳо тарҷума шудаанд.

Навъе вай нақл мекунад, аз мутолиаи асарҳои Шукур Холмирзо, Мурод Муҳаммад Дӯст, Аҳмад Аъзам, Олим Отахонов ва сабақҳои адабии ин нависандагон баҳра бардошт, дар қалбаш шавқи эҷод рӯ зад ва ба нависандагӣ рӯй овард.

Ӯ роману ҳикояҳои Достоевский, Кафка, Фолкнер, Гесс, Кортарас, Борхес ва дигар намояндагони адабиёти ҷаҳонро ҳанӯз бо шавқ хондаву онҳоро мисле ба тозагӣ кашф карда, ба сари мизи корӣ менишинад.

Зодгоҳи Эшонқул деҳаи Терсотаи ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарёст.

Дар бораи топонимикаи ин деҳ маълумотҳои гуногун мавҷуд. Мувофиқи ривоятҳо, дарёеро, ки на ба пеш, ба муқобил равонааст, терсота меномидаанд. Маънои луғавии Терсота ба тоҷикӣ – падари якрав. Эҳтимол дар ин ҷо одамоне ба сар мебурданд якрӯву якгап,мард ва шуҷоъ, ки баҳри ҳимояи ҳақиқат ҳамеша истодагарӣ менамоянд.

Назар Эшонқул хатмкардаи факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд (1986) мебошад. Алъон сармуҳаррир ва ҷонишини директори «Ӯзбектелефилм». Садҳо теленовеллаҳое, ки дар хазинаи тиллоии телевизион маҳфуз дошта шудаанд, таҳти таҳрири ӯ рӯйи экран дида ва писанди тамошобинҳо шудаанд.

Худаш ҳам ба як қатор теленовеллаҳо муаллифӣ намуд. Таҳти ҳамдастӣ бо коргардон З. Бегимқулова барои филмҳои бисёрқисматаи телевизионӣ сенарияҳо навишт.

Назар Эшонқул чун тарҷумон низ ба адабиёт хидмат мерасонад.

60-солагии нависанда дар Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбек ба номи Алишер Навоӣ тантананок таҷлил гашт. Дар нишасти адабӣ таъкид ёфт номи Назар Эшонқул нафақат дар доираҳои адабии ҷумҳурӣ, балки берун аз он низ маълум ва машҳур.

Чанде пеш таҳти фармони роҳбари давлат Н. Эшонқул бо унвони фахрии «Ходими хидматнишондодаи маданияти Ӯзбекистон» сарфароз гардонда шуд.

**М. ШОДИЕВ.**

# ҶАШНИ ВАРЗИШ БА ҲИФЗИ АРАЛ БАХШИДА ШУД

Яке аз мушкилоти экологии рӯзмарраи минтақаи Осиёи Марказӣ ҳифзи баҳри Арал мебошад, ки чандин даҳсолаҳост ҳаллу фасл намегардад.

Мусобиқаҳои варзишии давидан «Save Aral» (ҳифзи Арал), ки аз соли 2019 баргузор мешавад, яке аз чорабиниҳое мебошад, ки ба масъалаҳои аз нав бунёд кардани минтақаи баҳри Арал ва бартарафсозии фоҷеаи он нигаронида шудааст.

Чунин лоиҳаи иҷтимоӣ чорабинии хайриявӣ буда, барои баланд бардоштани дониш ва маданияти экологии аҳолӣ пешбинӣ шудааст. Ҳоло марафони мазкур ба ташаббуси васеъмиқёс табдил ёфтааст.

Дар ноҳияи Туракӯрғони вилояти Наманган дар баённомаи ҷамъомади Девони Вазирон оид ба омодагӣ ва дар рӯҳи баланд баргузор намудани мусобиқаҳои оммавии марафони байналхалқӣ «Save Aral» ҷашни варзишии навбатӣ баргузор шуд. Дар он барои Ҷоми раиси ҷамъияти Агентии «Ӯзбекнефтегаз» ҳавасмандоне, ки аз ҳамаи ноҳия ва шаҳрҳои вилоят ҷамъ омада буданд, иштирок карданд. Ба ғолибони номинатсияҳои гуногун туҳфаҳои қиматбаҳо супурда шуд.

– Дар мусобиқаи имрӯза, ки барои ҳаллу фасли мушкилоти экологӣ ва ташвиқоти тарзи ҳаёти солим пешбинӣ шудааст, беш аз 300 нафар донишҷӯён иштирок карданд, – гуфт донишҷӯйи Донишкадаи муҳандису технологияи Наманган Иброҳим Рислиқов. – Қатори якчанд ҳамсолон ба ман низ ғолибӣ насиб кард. Мақсади мо ҳиссаи муносиб гузоштан ба тарзи солими зиндагӣ ва муҳити софи экологӣ мебошад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАМАНГОН.*

***Дарси тасаввуф***

## Ҳафт пир

### *(Пири дуюм)*

# ХОҶА ОРИФ РЕВГАРИИ МОҲИТОБОН

**Чаро Шофирконро «Хоҷа Ориф» гӯянд?**

Хоҷа Муҳаммад Ориф Ревгарии Моҳитобон (1165/66-1259) — пири дуюми тариқати нақшбандия, яке аз се халифаи (ҷонишин) Абдухолиқи Ғиждувонист. Баъди Ғиждувонӣ ба тариқат роҳнамоӣ кардааст. Ревгарӣ дар байни аҳли тасаввуф унвони Қутбулавлиё («Роҳбари авлиё»)-ро низ дошт. Аҳолии маҳаллии ноҳия Шофирконро то ҳол бо номи «Хоҷа Ориф» ба забон мегиранд, ки номи дуюми ғайрирасмии ноҳия бошад.

**Моҳи тобанда**

Ревгарӣ дар миёнаи садаи XII, бино ба маълумоти баъзе манбаъҳо соли 1165/66 дар деҳаи Ревгари ноҳия Шофиркон дида ба дунё кушодааст. Чашмони гирдашакл ва рӯйи мисли моҳ тобон дошт. Биноан ба номи пуршарафи ӯ Моҳитобонро илова кардаанд. Соли таваллудаш он қадар дақиқ нест. Зеро пири ӯ Абдухолиқи Ғиждувонӣ соли 1179 вафот кардааст. Дар ин овон Моҳитобон ҳамагӣ 14 сол дошт. Дар ин синну сол ӯ роҳбарии тариқатро ба зиммааш гирифта наметавонист.

Моҳитобон соли 1259 дар Шофиркон аз олам чашм пӯшидааст. Хокҷойи ӯ низ дар ин мавзеъ мебошад. Баъд аз даргузашти Ревгарӣ ин мавзеъ ба зиёратгоҳи аҳли олами ислом табдил ёфт.

**Маърифати «Орифнома»**

Дар «Орифнома»-и Ревгарӣ паҳлуҳои асосӣ ва масъалаҳои назарии тасаввуф мавриди муҳокима қарор гирифта, ғояҳои тариқати хоҷагон васеъ тарғиб карда шудаанд. Дар ин асари ҳаҷман хурд, маъно ва суханони ҳикматомез ба он андоза зиёд аст, ки метавон доир ба шарҳи ҳар кадоми онҳо рисолае таълиф намуд.

Инак, чанде аз онҳо: «(Одам) бояд ҳушёр бошад, ки вақт чун теғи буррост. Бояд турфатул-айн (дақиқа)-еро ба ғафлат нагузаронад»; «Пок ва покэътиқод бош. Зеро дили торик ва қалби олуда аъзои баданро палид (ҳаром) гардонад.

Охир Худо ба туфайли қалбамон моро бипазирад»; «Аз фитнаи ҳамҷинсон огоҳ бошед!»; «Асли дин ҳилм (ҳалимӣ, мулоиматӣ) бошад, асли ҳилм — сабр»; «Гоҳо таъсири сукунат бештар аз калом аст».

Афкори инсонҳои бузург, аз ҷумла фикрҳои Абдухолиқи Ғиждувонӣ, ки дар ин китобак омадаанд, ба арзиши он афзудааст. Мисол: «Касе, ки ба се чиз қаробат ҷӯяд, дӯзахӣ хоҳад шуд:

Якум – ҳариси таомҳои лазиз, дуюм – оне, ки ба либосҳои нафис рағбат дорад, сеюм – оне, ки аз суҳбати фақирон канора ҷӯяд ва дар орзуи суҳбати дороён бошад. Зеро роҳбалади ин ҳама орзую ҳавас ва нафс бошад.

«Ду чиз қалбро фосид (ифлос) кунад: пур хӯрдан ва пур хобидан». Ин ҳикмат иқтибос аз Шайх Факил аст. Нақли ин фикр аз ӯ барои ҳамаи замону макон арзише дорад: «Бас, нафароне ҳастанд, ки аз мабраз (ҳоҷатхона) пок берун оянд ва нафароне ҳастанд, ки аз Каъба палид (нопок) баргарданд».

**Киро метавон авлиё номид?**

Дар таърихи тасаввуф суолҳое, аз қабили «Киро метавон солик, яъне воридшуда ба роҳи тасаввуф номид?», «Киро метавон авлиёи асил гуфт?» — бисёр мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Табиист, ки ҳар як шайх ба ин суолҳо аз дидгоҳи худ ҷавоб додааст. Ревгарӣ низ дар ин хусус нуқтаи назари худро дошт. Дар китоб оварда шудааст, ки «Гуруснагӣ ғизои зоҳидон, зикр таоми орифон аст». Зоҳидӣ дар тасаввуф зинаи аввалин бошад. Дар ин зина рағбат ба тарки дунё гуфтан бартарӣ дорад. Мақсади асосии зоҳидон дар рӯзи қиёмат ворид шудан ба биҳишт бошад. Вақте ки солик по ба зинаи орифӣ мегузорад, мақсад тағйир меёбад «Дар ин зина расидан ба дидори Ҳақ орзуи ягонаи ориф бошад. Дар иртибот ба ин ба рӯйи мо дари маъноҳои рубоии зерини Навоӣ боз гардад, ки фармудааст:

*Зоҳид ба ту хур, ҳавас маро –*
*ҷонона,*
*Ҷаннат ба ту орзу маро –*
*майхона.*
*Майхонаву соқӣ бошаду ҷому*
*сабӯ,*
*Лабрез бувад ҳамеша он*
*паймона.*

Қаҳрамони лирикӣ дар ин рубоӣ зоҳидиро инкор менамояд, ӯ дар орзуи зинаи баландтарин – орифӣ аст. Дар ин ҷо май ишқи Худо бошад, майхона — хонақоҳ, соқӣ – пиру муршид, паймона (қадаҳ, соғар) дил (қалби ориф) аст. Дар ирфон ҳолати маънавиест, ки завқу шавқ, яъне қудрати ишқро ифода менамояд. Талаби Робияи Адвия дар «Орифнома» ин талқинро собит менамояд: «Ман дар ин дунё низ туро гӯям... Худоё!

Агар ба Ту аз бим ибодат кунам, маро дар оташи дӯзах бисӯзон ва агар дар орзуи биҳиштат ибодат кунам, ҷаннатро бароям ҳаром гардон ва агар дидоратро умедворам ҷамолатро аз ман дареғ мадор!» Фикрҳои зерин чун шартҳои авлиё гардидан талқин шудаанд: «Аз хасоил (хислатҳо), ки ба манзили саодат наздик мегардонанд, ин аст, ки худро шабеҳи малоика созад. Яъне нафсро ба худ мутеъ созад ва пок ва ҳамеша зокир (зикркунандаи Худо) бошад ва алалдавом (мудом) ба аҳду паймони бандагӣ ҷидду ҷаҳд намояд... Ва ҳамеша дар мулозимат (хидматгузорӣ)-и аброру ахёр (одамони фозилу нек) бошад...»

Афкори зерин низ ба сифати талаботи авлиёӣ баён шудаанд: «Пеш аз омадани марг бимиред! Ин сифати одамони хоси (суфиён, авлиё) Ҳақ таолост. Фирефтаи ороишоти дунё мабош, ғарқаи зебу зинати он нагард, талаботи нафсониро аз ёд бибар, аз иллатҳои разилу нопок ва афкори фосиқ мосуво бош. Барои авлиё бояд моҳияти рӯзҳои неку бад яксон бошанд».

Дар рисола ҳамчунин равшан гуфта мешавад, ки бояд аз чиҳо парҳез кард: «Ориф нест оне, ки дасторхони илму маърифатро дар назди дорову дунёпарастон боз намояд, бад-ин васила хор гардонад».

Дар назди Ревгарӣ баъди каломи Аллоҳ ва аҳодиси (ҳадисҳо) набавӣ суханони авлиё қарор доранд: «Баъди каломи масҷиду аҳодиси набавӣ гӯш ба каломи машоих (р.а.) бидеҳ, онҳо дар қалб сабабгори тавфиқ ва биманд». Аз ин рӯ: «Ҳар он кас, ки тарки суҳбати дарвешон кунад ва анҷумани дороёну дунёпарастон ихтиёр намояд, Ҳақ таъоло қалби ӯро ба марг мубтало созад».

Баъди ин гуна таҳлилу натиҷагириҳо аллома шартҳои авлиёиро ба миён мегузорад: «Аломати авлиёӣ се аст: якум — бо вуҷуди дастрасӣ ба дараҷаи баланд фурӯтан будан; дуюм – сабр ва парҳезгорӣ ихтиёр намудан; сеюм – ҳаддалимкон баинсоф будан».

Муаллиф аввал суол мегузорад: «Валӣ кист?» Пас аз он ҷавоб медиҳад: «Валӣ ҳамонест, ки дӯсти Худоро дӯст, душманашро душман ҳисобад... Сарҳади расидан ба Худо он ҷост, ки додаву надода ва шодиву ғами Худо барои валӣ яксон хоҳад шуд».

**«Забон»-и мум, сӯзан ва риштаи мӯй**

Дар «Орифнома» омадааст, ки зане валӣ бо номи Робияи Адвия ба шайхи машҳури замони худ Ҳасани Басрӣ, бе шарҳу тафсир як пора мум (моддае, ки аз он шамъ месозанд), сӯзан ва як тораи мӯй интиқол медиҳад. Вале ин серо «забон» буд. Бо ин Робия ба Басрӣ гуфтан мехост, ки «Мисли мум нарм бош ва худ сӯзу оламро мунаввар соз! Ҳарчанд мисли сӯзан урён гардӣ, дигаронро пӯшон, одамонро ба ҳам бипайванд! Ҳуш дор, ки роҳ ба сӯйи Худо мисли мӯ нозуку борик аст!»

**Зани валие, ки дар танӯр насӯхт**

Дар «Орифнома» нақле оварда шудааст, ки ба зани валие бо номи Оишаи Ғиждувонӣ иртибот дорад.

Оиша девонаавзоъ буд. Бар хилофи қоидаи ислом бо сари луч мегашт. Вақте ба ӯ аз зарурати рӯмол бастан даҳон мекушоянд, ҷавобаш ин буд: «Дар ин диёр оё марде ҳаст, ки ман аз ӯ парҳез намоям ва сару рӯямро бо рӯмол бипечам»?

Ғиждувонӣ ба ҳаҷ рафта буд. Сафараш се сол тӯл кашид. Рӯзҳои бозгашт ба ватан наздик мешуданд. Субҳе Оиша ба назди нонвой омада, худро ба оташи танӯр афканд ва ба нонвой гуфт: «Даҳони танӯратро пӯш! Охир, яке аз мардони Худо ба Бухоро меояд... Ба ман сарулибос биёр, то пӯшида ба пешвозаш бароям! Ин субҳ Ғиждувонӣ рӯди Ҷайҳунро убур карда, ба Бухоро меояд. Ин аст, ки зарурати сару рӯямро пӯшидан пеш омад. Ғиждувонӣ баъди ба Ғиждувон омадан: «... Аз ҷо хеста ба Оиша илтифот намуд». Нонвой низ ба пир иродат кард ва таваҷҷуҳ ва сабақи дил ва зикри қалбро дарёфт ва аз соликони роҳи Ҳақ гардид».

**Эҳтиром**

Қабри Ревгарӣ яке аз ҳафт зиёратгоҳи муқаддаси Бухорост. Ин маҷмаи меъморӣ тӯли солҳои истиқлолият эъмор гардид, солҳои охир ба мараммату ободии ин мавзеъ рӯйи эътибор гардонда шуд. Ҳоло яке аз гӯшаҳои сайёҳии Бухорои бостонист.

**Султонмурод ОЛИМ,**
**адабиётшинос,**
**Ходими шоистаи**
**фарҳанги Ӯзбекистон.**

# ДОНИШМАНДИ ЗАМОН БУД

## Ба муносибати 90-солагии академик Шавкат Воҳидов



Номи Самарқанди бостониро нафақат боғу бӯстонҳои дилкушову обидаҳои таърихиаш, балки фарзандҳои фарзонае, ки дар рушди илму маърифат ва санъату фарҳанги ҷаҳонӣ ҳиссаи муносиб гузоштаанд, машҳуру маълумтар гардонд.

Яке аз онҳо Шавкат Аҳадович Воҳидов мебошад, ки дар рушди илмҳои физикаву математика ва соҳаи кайҳоннавардӣ хидматҳои назаррасро анҷом додааст.

Шавкат Воҳидов 11 октябри соли 1932 дар оилаи зиёиён ба дунё омадааст. Падари ӯ Аҳад Воҳидов аз зумраи аввалинҳое буд, ки солҳои 1925-1928 дар Боку маълумоти олӣ гирифтаанд. Ҳарчанд ӯ мутахассиси илмҳои кимиёву биология буд, таърихи адабиёти форсу тоҷик ва туркиро хуб аз бар намуда буд. Ин бесабаб набуд, чунки бобокалони онҳо Абдукарим Сипандии Самарқандӣ аз мударрисони мадрасаи Улуғбек буда, дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX бобаракат эҷод карда, дар рушди адабиёти форсу тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Бобокалони дигари онҳо Мулло Муҳаммад – Домло Мири Зарринқалам хаттоти номӣ – соҳиби хати зебо буд. Аз ин сабаб, ба хонаводаи Воҳидовҳо зиёиёни пешқадами давр – Тамҳиди Самарқандӣ, Вадуд Маҳмуд, Хилъат, Ҷомеъ, Воҳид Абдулло, Шариф Акрам, Исмоил Акрам ва намояндагони дигари каломи бадеъ ҷамъ омада, дар мавзӯъҳои гуногун сӯҳбатҳои дилнишин меоростанд, ки Шавкати ҷавон низ аз чунин анҷуманҳо баҳраманд мегашт.

Овони бачагии Ш. Воҳидов ба давраи вазнини солҳои табъид ва Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ рост омад. Шароити вазнини он давр, душвориҳои моддии зиндагӣ водор месохт, ки чӣ коре, ки пеш ояд, иҷро намояд.

Шавкат Воҳидов дар мактаби миёнаи рақами 22-юми шаҳри Самарқанд таҳсил гирифт ва соли 1950 онро бомуваффақият хатм намуд. Ӯ худи ҳамон сол ба факултаи физика-математикаи Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии Самарқанд) дохил шуд. Азбаски ҳавасмандии ӯ дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ баланд буд, баъд аз хатми донишгоҳ дар кафедраи оптика ба лавозими ассистент ӯро ба кор қабул карданд.

Пас аз як сол Ш. Воҳидов барои таҳсил ба аспирантураи Донишгоҳи физикаву математикаи АУ Ӯзбекистон фиристода шуд. Оғози фаъолияти илмии ӯ ба даврае рост омад, ки дар Ӯзбекистон физикаи радиатсиониву ядровӣ ба якчанд самти илмӣ татбиқ мегардиданд. Шавкат Воҳидов дар ҷараёни таҳқиқотҳои такягоҳии соҳаи физикаи радиатсионӣ фаъол иштирок мекард ва чунин саъю кӯшиш ба пажуҳишгари ҷавон дари боз як имконоти дигар – ширкат намуданро дар корҳои илмиву таҳқиқотие, ки бо роҳбарии ноиб-президенти АУ Ӯзбекистон С.В.Стародубсев баргузор мешуд, кушод. Вохӯрӣ бо чунин сармутахассиси соҳа, таҳти роҳбарии ӯ таҳсил дар пажӯҳишгоҳ ва дертар фаъолияти меҳнатии якҷоя ба сифати олим, ташкилотчии илм ва педагог ташаккул ёфтани он нақши муҳим бозид.

Соли 1956 дар назди Академияи илмҳои Ӯзбекистон Донишкадаи физикаи ядровӣ ташкил ва дар Осиёи Миёна сохтмони нахустин реактори атомӣ оғоз шуд. Солҳои 1956-1960 баробари сохтмони биноҳо ва дастгоҳҳои ядрову физикавии донишкада самтҳои асосии илмии он муайян ва пайваста бар ин мутахассисони чунин самтҳо низ омода мегардиданд.

Соли 1959 Шавкат Аҳадовичро қатори якчанд ҷавонони боиқтидор ба Донишкадаи физикаи ядровӣ ба кор даъват карданд. Ӯ дар аввал ҳамчун ходими хурд, дертар ба сифати ходими калони илмӣ корҳои илмиву таҳқиқотҳои худро идома дод ва ниҳоят соли 1962 номзади илмҳои физика-математика гардид. Соли 1964 дар дохили донишкада лабораторияи «Ҷараёнҳои радиатсионии моддаҳои диэлектронӣ»-ро ташкил кард ва дар давоми 30 сол онро сарварӣ намуд. Дар натиҷаи корҳои зиёди таҳқиқотии ин лаборатория мактабе ба вуҷуд омад, ки корҳои илмии он нафақат дар Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар байни ҷамоаи илмии ҷаҳон низ шӯҳратманд гардид.

Ғайр аз ин, Ш. Воҳидов дар корҳои ба истеҳсолот татбиқ намудани корҳои илмӣ низ пешқадам буд, ки ин дар ҷараёни фаъолияти роҳбарии ӯ дар давоми солҳои 1980-1999 ба Иттиҳодияи илмиву истеҳсолии «Коинот» бештар ба назар мерасад.

Дар ин давра таҳти сарварии ӯ таҷҳизот бо номи КЛ-02, «Анализ», «Фирӯза», «Гавҳар», ки имконоти синтез намудани маводҳои нави кайҳониро дошт, офарида шуд. Чунин таҷҳизот аз тарафи кайҳоннавардони Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷ дар стансияҳои кайҳонии «Салют», «Мир» пурсамар истифода шуданд.

Баробари ин Ш. Воҳидов дар соҳаи омӯзгорӣ низ фаъолият нишон додааст. Соли 1983 дар Донишгоҳи давлатии техникаи Тошканд кафедраи «Ускунасозии кайҳонӣ»-ро ташкил намуда, солҳои зиёд ба он сарварӣ кард.

Масъалаи мактаб ва таълими хонандагон, дар оянда чӣ касбу кор кардани онҳо низ аз эътибори ин шахси маърифатдӯст дур намонд. Дар корҳои бо биноҳои нав ва таҷҳизоти нави таълимӣ таъмин намудани мактабҳои рақами 19, 20, 21-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд сару бар шуд.

Соли 1988 аввал дар байни вилоятҳои ҷумҳуриамон, баъдтар соли 1992 мактаби Аэрокосмикии байналхалқиро ташкил намуд, ки дар вақти таътили тобистона хонандагони боиқтидори мактабҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Русия, Украина, Покистон, Малайзия, Туркия, Полша, Озарбойҷон, Тоҷикистон омада, аз кайҳоннаворд, конструктор ва олимони соҳа оиди фанҳои физика, математика, аэронавтика ва космонавтика маърӯзаҳои шавқовар мешуниданд, макетҳои самолёту ракетаҳоро омода менамуданд ва дар мусобиқаҳои байналхалқӣ иштирок мекарданд.

Тавре ки дар боло қайд намудем, Шавкат Воҳидов дар муҳити адабӣ ба воя мерасад ва пас аз чандин сол чунин муҳити таълиму тарбия низ самараи худро медиҳад. Ӯ эҷодиёти бадеии Сипандии Самарқандӣ, Писандии Самарқандӣ ва Тамҳиди Самарқандиро меомӯзад, ғазал, мухаммас, рубоиҳои чунин шоиронро дарёфт намуда, дар шакли китоб нашр менамояд.

Дар натиҷаи корҳои таҳқиқотии ӯ оиди санъати хаттотӣ мардум бо якчанд тан хаттотони Осиёи Марказӣ, бахусус Самарқанд шинос мешаванд.

Шавкат Воҳидов муаллифи 6 монография, беш аз 280 кори илмӣ (50-тои он дар хориҷ рӯйи чопро дидааст), 64-то ихтироъ (як қисми он дар хориҷ патент гирифтааст) мебошад. Ихтироъҳои зиёди ӯ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакатамон ҷорӣ гардидааст.

Маводи илмиву оммавии ӯ дар рӯзнома ва маҷаллаҳои «Овози тоҷик», «Совет Ӯзбекистони», «Правда Востока», «Садои Шарқ», «Фан ва турмуш», «Халқ сӯзи», «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» чоп шудаанд.

Академики Академияи илмҳои Ӯзбекистон, узви Академияи байналхалқии муҳандисӣ ва кайҳоннавардии Русия, доктори илмҳои физика-математика, Ходими хидматнишондодаи фан ва техникаи Ӯзбекистон, донишманди соҳаҳои физика, бахусус, кайҳоншиносӣ Шавкат Воҳидов агар ҳаёт мебуд, имрӯз 90 сола мешуд.

Тавре ки шоҳид шудем, саҳми ӯ дар рушди илмҳои физикаву кайҳоншиносӣ босазо аст. Таҳти роҳбарии ӯ 7 нафар доктор ва 26 нафар номзадҳои илм гардидаанд. Шогирдони бешумори устод номи ӯро бо некӣ ёд мекунанд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МУҲАҚҚИҚИ БУЗУРГ ВА ШАРҚШИНОСИ КАМНАЗИР

(Аввалаш дар саҳ.3).

Муаллиф дар ин китобҳо ба сарчашмаҳои таърихиву адабӣ бештар рӯ оварда, аз тазкираҳое, ки доир ба шахсияти Устод Рӯдакӣ маълумот додаанд, истифода кардааст. Ҳамзамон ӯ ба хидмати шарқшиносони хориҷӣ, ки ба омӯзишу таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи рӯзгори Устод Рӯдакӣ машғул шудаанд, баҳои баланд дода, бо истифода аз назару андешаҳои эшон мақоми Рӯдакиро дар ташаккули шеъри тоҷикӣ-форсӣ муайян намудааст. Махсусан, муҳаққиқ дар бораи ному насаб, тахаллуси шоирӣ ва кунияи Устод Рӯдакӣ маълумоти васеъ дода, аз тазкираҳои пешин мисолҳои зиёд оварда, дар охир ному насаб ва тахаллусу кунияи шоирро мушаххас гардонидааст. Дар баробари ин академик А. Мирзоев маҳорат ва истеъдоди ғазалсароии шоирро таҳлил карда, асосгузори ин жанр будани шоирро исбот менамояд ва мавқеи ӯро дар ташаккули жанри ғиноии ғазал равшан месозад. Дар китобҳои мазкур олими нексияр мақоми пири адибони Машриқро дуруст муайян карда, хидмати ӯро дар пешрафти адабиёти оламшумули тоҷику форс дуруст ошкор кардааст.

Академик А. Мирзоев ба шахсияти Аҳмади Дониш ҳам эҳтиром гузошта, нақши ӯро дар рушди адабиёти маорифпарварӣ, омӯзиши таърихи амирони Манғит ва бисёр масъалаҳои дигари иҷтимоӣ воқеъбинона таҳқиқ кардааст. Дар мақолаҳои «Аҳмади Дониш ва воқеаҳои қатли оми қипчоқҳо дар нимаи асри XIX», «Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи истифода бурда шудани оби дарёи Ому» донишманд ба шахсияти Аҳмади Дониш баҳои баланд дода, таъсири мактаби ӯро дар ин давра, инчунин таҳқиқи руйдодҳои таърихии замонаш арзишманд донистааст.

Доираи фаъолияти илмиву таҳқиқотии академик А. Мирзоев пас аз ин боз ҳам васеъ гардида, ӯ баробари омӯзиши осори адибони гузаштаи тоҷик ба мероси адабии шоирону адибони ҳавзаи Ҳинд таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва рисолаи «Аз таърихи равобити адабии Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XVI ва аввали асри XVII»-ро таълиф менамояд. Шарқшиноси дурандеш дар ин асар масъалаҳои равобити адабӣ ва таъсирмандии адабиёти ҳавзаи Ҳинду Мовароуннаҳрро дурусту саривақтӣ таҳлил карда, барои омӯзиши ин ҳавзаҳои адабӣ пешниҳодҳои судманд манзур кардааст.

Олим дар масъалаи таъсиргузории адабиёти тоҷику ӯзбек низ корҳои бунёдӣ таълиф карда, доир ба равобити адабиву фарҳангии ин ду халқ диққати аввалиндараҷа додааст. Махсусан, дар рисолаҳои «Алишер Навоӣ ва Хоҷа Ҳофиз» (1966), «Робитаҳои адабӣ ва таърихи адабиёт» (1968), «Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ» (1968) муҳимтарин паҳлуҳои адабиёти тоҷик ва ӯзбекро таҳлил карда, ба маҳорату истеъдоди Мир Алишер Навоӣ ва осори тоҷикии ӯ баҳои баланд додааст. Дар мақолаи аввал донишманди нуктасанҷ таъсири ашъори Ҳофизи лисонулғайбро ба осори Навоӣ таҳлил карда, дар заминаи девони тоҷикии Алишер Навоӣ нақши тазмин ва муламмаъро дар адабиёти тоҷик ва ӯзбек дуруст муайян намудааст. Дар мақолаи дигар таъсири ашъори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро ба ашъори Мир Алишер Навоӣ таҳқиқ карда, таъсиргузории ду адабиётро муфассал шарҳ додааст. Дар рисолаи “Фонӣ ва Ҳофиз” (1968) низ муаллиф бо диди амиқ ва таҳлили сареҳ дар бораи ин ду адиб изҳори назар карда, мавқеи онҳоро дар рушди адабиёти тоҷикӣ-форсӣ ва ӯзбекӣ дуруст муайян намудааст.

Олими пухтакор дар китоби “Сездаҳ мақола” (Душанбе: Ирфон,1977) беҳтарин мақолаҳои худро, ки ба адабиёти асрҳои X-XV алоқаманд мебошанд, ҷамъоварӣ ва нашр намудааст. Мақолаҳои мазкур аз нигоҳи фарогирии мавзӯъ ва пажӯҳиши илмӣ дар адабиётшиносии тоҷик ҷойгоҳи хосро соҳиб шуда, маълумоти тоза ва навро дар бораи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дигар адибон пешниҳод менамоянд.

Саҳми устод А. Мирзоев дар таълифи китобҳои дарсӣ низ назаррас мебошад. Вай ҳанӯз аз солҳои панҷоҳум ба таълифи китобҳои дарсӣ ва хрестоматия барои адабиёти синфҳои панҷу шаш машғул шуда, дар ин самт низ хидмати босазо намудааст. Вай ҳамроҳ бо устод Х. Мирзозода китоби дарсии “Адабиёти тоҷик” (синфи 9)-ро таълиф карда, давраҳои адабиёти асрҳои XVI-XIX ба қалами вай тааллуқ доранд. Дар ин ҷода инчунин дастурҳои таълимӣ таълиф карда, дар марказҳои такмили ихтисос дарс гуфтааст ва доир ба ҳусну қубҳи китобҳои дарсӣ низ фикру мулоҳизаҳои судманд баён намудааст.

Хидмати академик А. Мирзоев бо унвонҳои давлатӣ қадр шудааст. Вай соҳиби ду ордени «Нишони фахрӣ», ду ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медали «Барои меҳнати шоён”, “Ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленин» буда, ба унвонҳои “Арбоби шоистаи илми ҶШС Тоҷикистон”, “Арбоби шоистаи илми ҶШС Ӯзбекистон”, “Ифтихорнома”-ҳои Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст. Олими пухтакор инчунин дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино мебошад.

Академик А. Мирзоев ба корҳои илмии даҳҳо нафар ҷавонони болаёқат аз Тоҷикистон ва Ӯзбекистон роҳбарӣ карда, барои сазовор шуданашон ба унвону дараҷаҳои илмӣ раҳнамоӣ кардааст. Академик А. Мирзоев дар таҳкими дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек саҳми назаррас дошта, шогирдони зиёдеро аз кишвари ҳамсоя тарбия намуда, соҳиби дараҷаҳои илмӣ гардонидааст. Мактаби шарқшиносии академик А. Мирзоев дар олам машҳур шуда, пайравону шогирдонаш то ба имрӯз ин мактабро идома дода истодаанд. Устод С. Табаров ҳамин заҳматҳои зиёди устодашро ба инобат гирифта, дар мақолаи худ “Соҳиби мактаби илмӣ: дар бораи Абдулғанӣ Мирзоев” (Маориф ва маданият, 1979, 20 март) таъкид мекунанд, ки “Академик Абдулғанӣ Мирзоев шахсияти нотакрорест, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик соҳиби мактаби тадқиқотии худ буд ва даҳҳо шогирдонаш дар ин арса кору фаъолият менамоянд”.

Академик А. Мирзоев, дарвоқеъ ба рушди илми адабиётшиносӣ ва шарқшиносии ватаниву хориҷӣ хидмати беназир намуда, дар таҳкими робитаҳои адабии халқҳои тоҷик ва ӯзбек саҳми арзанда гузоштааст. Бо таъсири асарҳои бунёдии вай бисёр масъалаҳои норӯшани адабиётшиносӣ, сарчашмашиносӣ, манбаъшиносӣ, матншиносӣ, равобити адабӣ ва ғайра ошкор гардида, барои рушди ин илмҳо заминаи мусоид фароҳам омадааст. Минбаъд дар заминаи пажӯҳишҳои академик А. Мирзоев омӯзиши серпаҳлуи таърихи адабиёти тоҷик ва ӯзбек роҳандозӣ шуда, хушбахтона, имрӯзҳо дар асоси заҳмати бесобиқаи олиму муҳаққиқ, муарриху шарқшиноси оламшумул академик А. Мирзоев самараи нек ба бор оварда истодааст.

P.S: Мо ба Маркази милливу мадании тоҷикони Ӯзбекистон, роҳбарияти вилояти Қашқадарё, масъулони Маркази милливу мадании тоҷикони вилояти мазкур, аҳли илму адаб, омӯзгорону фарҳангдӯстони ин вилояти овозадор изҳори ташаккур менамоем, ки хотираи фарзанди диёрашон-академик А. Мирзоевро гиромӣ дошта, 114-солагии ӯро дар сатҳи баланд баргузор намуданд.

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,**
**Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон,**
**академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.**

*Номаи бетаҳрир*

# АЗ ОРЗУ КАРДАН ХАСТА НАМЕШУДЕМ

Хурд будам. Ҳаваси мактабравиву мактабхонӣ мекардам. Азбаски мактаб ба хонаи мо наздик буд, баъзан шеъру сурудҳое, ки дар ид ва ҳар гуна тадбирҳо садо медоданд, ба гӯшам мерасид. Мактабрав шудам ва дар ҳамон мактаб таҳсил гирифтам. Солҳо сипарӣ шуданд. Бо тақозои тақдир Хондиза манзили зистам гардид. Манзили дуюми ман боз мактаб шуд. Аз сабаби офати табиӣ аз он деҳаи зебоманзар кӯчидем. Акнун бар сарамон ташвиш болои ташвиш меомад, фикри сохтани хонаву дар, андешаи донишомӯзии фарзандони халқ чун ман дигаронро низ ҳеҷ ором намегузошт.

1 апрели соли 2015. Санае, ки гӯё сатили оби сарде бар сарам рехт. Аз се як қисми мардуми деҳаро бо қарори ҳукумат ва Вазорати вазъиятҳои фавқулодда кӯчониданд. Хайрият, мардумро, ки зиёда аз 150 хоҷагиро ташкил медод (ҳоло аз 200 хоҷагӣ ҳам гузаштааст) саривақт ба ҷойи бехавф, яъне дур аз деҳа – маҳаллаи “Себзор”-и ноҳияи Деҳнав кӯчониданд. Албатта, аз як ноҳия ба ноҳияи дигар кӯч бастан пайдост, ки мушкилоти зиёд дорад. То ҳол набудани бунгоҳи тиббӣ ва боғчаи бачагона, гузошта нашудани симчӯбҳои барқӣ дар 40 хонадон, душвориҳои хидмати маишӣ муаммоҳое мебошанд, ки ҳалли худро интизоранд. Вале ман ва дигар аҳли деҳаро чизи дигар бештар ба ташвиш меоварад. Он ҳам бошад, тақдири мактабу мактабиён.

Сентябри соли 2015. Шогирдон (зиёда аз 160 нафар) таҳсилро дар мактаби рақами 22-юми ноҳияи Деҳнав давом доданд. Ҳоло миқдори онҳо ба 200 нафар расидааст. Дар мактаб аз омӯзгорони мо, ақаллан, нафаре соҳиби кор нашуд. Таънаву маломат ҳам кам набуд. Мо бошад аз орзу кардан хаста намешудем. “Шояд дар ду-се сол соҳиби мактаб шавем” мегуфтем бо умед. Лек ҳайҳот! Инак, 7 сол боз орзуи хоми мо напухт. То ҳол мактаб надорем. Солҳост, ки медавем, аз паяш мешавем, мегӯем, менависем, вале бенатиҷа. Тавре ки гуфтам, мо аз орзу кардан монда намешавем, муттасаддиён – аз ваъда додан.

Роҳ дур. Бачаҳои хурдсол барои равуо бисёр азоб мекашанд. Гоҳе аз гармӣ, гоҳе аз сармо, илова бар ин роҳи мошингард ҳамеша хавф эҷод мекунад. То ба хона омадани бачаҳо волидони онҳо хавотир мекашанд. Афсӯсовар он аст, ки фарзандони мо ва бачаҳое, ки ба он мактаб мераванд, аксарияташон тоҷиконанд, аммо тоҷикӣ намехонанд.

Албатта, донистани забони давлатӣ шарт ва муҳим аст. Касе инро инкор намекунад. Худи ман забони ӯзбекиро ба мисли забони модариам дӯст медорам. Мефахрам ва хушбахтам, ки бо ин забон ҳам чун бо забони модариам сухан мегӯям. Лекин ба забони модарӣ таълиму тарбия гирифтан, албатта беҳтар ва нафъовар аст. Чунон ки шоир фармудааст:

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Донистани сад забонаш осон гардад.*

Бояд гуфт, ки ҳукумат барои бо забони модарӣ таҳсил гирифтани фарзандонамон ҳама шароитро фароҳам овардааст. Таҳсил дар Ӯзбекистон бо ҳафт забон ба роҳ монда шудааст. Дар 18 моддаи Сарқонун ва “Қонун дар бораи забон”, “Қонун дар бораи таълим” инъикос ёфтани ҳаққу ҳуқуқи ҳама миллатҳои сокини Ӯзбекистон далели гуфтаҳои болост. Барои бо забони модариашон таҳсил накардани фарзандони мо бештар падару модарон айбдоранд. Вагарна чаро дар мактаби рақами 22-юми ноҳияи Деҳнав, ки зиёда аз 1300 хонанда ва қариб 100 омӯзгор дорад, танҳо як синфи 11-и тоҷикӣ боқӣ мондааст? Замоне дар ин мактаб хонандагон баробар ба ду забон таҳсил мебардоштанд ва шояд синфҳои тоҷикиаш бештар буд. Чаро дигар мактабҳои ноҳияи Деҳнав ба аслашон, яъне таълиму таҳсили тоҷикӣ баргардонида шуданду дар ин мактаб 5 сол боз дигаргунӣ нест?!

Хулоса, аҳли маҳаллаи «Себзор» мактаби навро орзу доранд. Ба пурсишҳои худ ҷавоб меҷӯянд. Ҳанӯз ноумед нестанд.

Умед мекунем, ки ин навиштаҳо мутасаддиён ва дастандаркорони соҳа, маъмурияти мактабу падару модаронро сари андеша меоварад.

**Барнои САЛОМИЁН,**
**муаллимаи мактаби рақами 85-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

*СУЛОЛАИ ОМӮЗГОРОН*

# «МЕРОСИ ПАДАР ХОҲӢ КАСБИ ПАДАР ОМӮЗ»

***Муҳити оила ба фарзандон бетаъсир намемонад. Басо омӯзгоронеро медонем, ки ба падари худ ҳавас намуда, ин пешаро интихоб кардаанд. Мо ҳоло як-як дар бораи чунин сулолаи омӯзгорон чанд сухан гуфтанием.***

Дар деҳаи Моҷарм омӯзгори шодравон Қирон Ханҷаровро дар вақти зиндагиаш одамон ҳамчун як тан аз омӯзгорони фидоӣ ва маърифатдӯст эҳтиром мекарданд. Дар оила якчанд нафар фарзандон аз пайи ӯ рафтанд. Ҳоло фарзандону наберагонаш дар деҳаи Моҷарм ва мактабҳои дигар омӯзгоранд. Ба насли наврас дарсу савод меомӯзонанд.

Оилаи Шарифовҳоро дар деҳаи Порашт ҳамчун афроди маърифатнок ном мебаранд. Аз ин оила ҳам чанд тан омӯзгорӣ мекунанд. Ҳофизу Холмурод аз пайроҳаи падарашон қадам ниҳодаанд.

Аълочии таълими халқи ҷумҳурӣ Сарабек Йӯлдошев умре омӯзгори фанни забону адабиёти тоҷик буд. Ҳоло даври пирӣ меронад. Писарону наберагон аз роҳи паймудаи ӯ ибрат гирифта, ин пешаи шарафнокро интихоб карда, ба худ мақбул донистанд. Дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии деҳаи Ӯхм фаъолият доранд.

Баробари ин оилаи Махсадовҳоро ҳам метавон мисол овард. Омӯзгори фанҳои забону адабиёти тоҷик Тӯймурод Махсадов хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд мебошад. Ҳоло дар паҳлӯяш ду писараш – Хушнуду Эраҷ ва ҷиянаш Рамазон ҳам дар мактаб меҳнат мекунанд.

Шодравон Маъмур Маҳкамов ҳам омӯзгор буду донандаи каломи бадеъ. Имрӯзҳо «асои пир – ба ҷойи пир» – писаронаш Учқуну Қурбон дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 49 фаъолият пеш мебаранду касби омӯзгории падари худро идома медиҳанд.

«Мероси падар хоҳӣ касби падар омӯз» гуфтаанд, ки ҳақ асту рост, зеро:

*Муаллим устоди аввалин аст,*
*Сафобахшанда дар рӯйи замин аст.*
*Диҳад илму адаб бар насли наврас,*
*Бузургии муаллим дар ҳамин аст.*

Муаллим ин соҳиби пешаест, ки садҳо нафарро устодӣ бинмудааст. Солҳо дар чеҳрааш осор гузоштаасту дар қалби дардошною маърифатдӯсташ дард. Ба рӯяш ожанг дамидааст. Тори асабҳояш таранганд, чун тори рубоб. Ба мӯйҳояш аз ноқобилии шогирдон кайҳо сафедӣ давидааст. Бо вуҷуди ин ҳама ӯ касбашро хеле дӯст медорад.

*Меҳр дар дили санг, устод,*
*Дилатон пур аз номусу нанг, устод.*
*Чу шогирдҳот қобил наоянд,*
*Ба рӯят медамад ожанг, устод.*

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*




*Дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Сарой»-и ноҳияи Бахмали вилояти Ҷиззах бинои нави мактаби таҳсилоти умумӣ ба истифода дода шуд. Дар чорабинии ба ин муносибат баргузоргардида кормандони ҳокимиятҳои вилояти Ҷиззах ва ноҳияи Бахмал, низоми таълими халқи вилоятӣ ва ноҳиявӣ, ҷамоаи мактаб, фаъолони маҳалла иштирок карданд.*

*Дар чорабинӣ ноиби президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Анна Берде изҳор дошт, ки аз кумаки Бонки ҷаҳонӣ ба Ӯзбекистон дар татбиқи лоиҳаи «Рушди инфрасохтори деҳот» хеле хушнуд аст.*

***Суратгир: Ҷамшед ЁРБЕКОВ. (ЎзА).***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

ISSN 2010-7757

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1025. Адади нашр 4697 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.